БОЗОР СОБИР УЗР (НА) ПУРСИД с.13
ХРОНИКАИ ҶАНГИ ИСРОИЛ БО ФАЛАСТИН с.4
ҚАДАМИ ҚУРБОН РОҲ НАМЕСОЗАД с.6



# ТОҶИКИСТОН

№47 (1558)
22.11.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! ~



# ФАРРУХ ҲАСАНОВ

## Тоҷике, ки 100 ҳунарманди русро қоил кард, кист?

M.O.O. Group
СЕБИСТОН-2018
— ширкати сохтмонӣ —

АЗ АРЗИШИ УМУМӢ 30% ПЕШПАРДОХТ,
ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ БОҚИМОНДА АЗ 3 ТО 5 СОЛ



*Маҷмааи биноҳои истиқоматӣ, иборат аз блокҳои А Б В Г Д Е Ж З И К, бо ҷойгир кардани марказҳои савдо ва хизматрасонӣ дар ошёнаҳои якум ва таваққуфгоҳ, бунёди кӯдакистони хусусӣ барои 250 ҷой дар кӯчаи Ҳабиб Аҳрорӣ, ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе.*

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ФУРӮШ: +992 200-00-00-00 | +992 00-277-44-33

*Моликияти МБИ “АҲРОРӢ”:*

- Биноҳои 8 ва 9-ошёна, 10 блок;
- Дар ҳар як ошёна аз 1 то 6 квартира;
- Хонаҳои боҳашаммати иборат аз 63 м2 то 608 м2;
- Баландии шифти квартираҳо 4 метр;
- Фасадҳои нахи бетонӣ бо изолятсияи гармидиҳӣ;
- Амният ва назорати видеоӣ бо назорати дастрасӣ;
- Лобби барои интизории меҳмонон;
- Ҳавлиҳои пӯшидаи муҳофизатшавандаи бидуни мошин;
- 2 ошёнаи таваққуфгоҳ;
- СПА;
- Маркази фитнес;
- Ҳавз;
- Мағозаҳо бо брендҳои ҷаҳонӣ;
- Фасади мағоза аз гранит;
- Лифтҳои алоҳида барои мағозаҳо;
- 80% майдони сабз;
- Имконият барои сайругашт дар наздикии боғи "Истиқлол";
- Масҷиди марказӣ;
- Аквапарки “Обшорон”.

## ДАР ИН ШУМОРА:

**ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МАСКАВ**
Аз қаноатмандии Путин то ваъдаи Мишустин с.3

**ЭЛЕКТРОМОБИЛ**
Камхарҷ, вале нархаш миёншикан с.5

**ХУШХАБАР**
Кӯмак ба оилаҳои камбизоат зиёд шуд с. 3

**ИҶОЗАТ БА ДУ ШИРКАТ**
Интернет арзону суръат бехтар мешавад? с. 7

**7 БОР АФТОДАНУ 8 БОР ХЕСТАН**
Барандаи Шоҳҷоизаи озмуни “Фуруғи субҳи доноӣ” кист? с. 9

**ВАРЗИШ**
Пирӯзии Тоҷикистон бар Покистон с. 10

**КАНЗИ ШИФО**
Санги гурда ва роҳҳои пешгирӣ аз он с. 12

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад.*
*Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

## БУҶЕТИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2024 ЧАНД АСТ?

**Ҳаҷми умумии даромади Буҷети давлатӣ нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли равон 5,9 млрд сомонӣ ё 15,9 фоиз зиёд мебошад.**

Парлумони Тоҷикистон дар иҷлосияи навбатӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024»-ро қабул намуд.

Зимни баррасии лоиҳа таъкид шудааст, ки бо назардошти дар сатҳи 8% рушд ёфтани иқтисоди миллӣ ва дар ҳаҷми 143,9 млрд сомонӣ ташаккул ёфтани дурнамои Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар соли 2024 даромади Буҷети давлатӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои воридот дар ҳаҷми 43 млрд сомонӣ ба нақша гирифта шуд.

Ҳаҷми умумии даромади Буҷети давлатӣ нисбат ба буҷети тасдиқшудаи соли равон 5,9 млрд сомонӣ ё 15,9 фоиз зиёд мебошад ва нисбат ба ММД ба 29,8 фоиз баробар гардидааст.

Хароҷоти Буҷети давлатӣ барои соли 2024 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар ҳаҷми 44,1 млрд сомонӣ бо афзоиши 6 млрд сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Ҳаҷми умумии хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ дар соли 2024 дар ҳаҷми 18971,1 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки афзоиши он нисбат ба буҷети соли 2023-ум 2025,5 млн сомонӣ ё 43% ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон дурнамои хароҷоти ин соҳаҳо ба 13,2 фоизи ММД баробар мебошад. Дар лоиҳа аз ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ ҷиҳати рушди соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат 15322,4 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки он ба 10,6% ММД баробар мебошад.



*Президенти Русия Владимир Путин ба Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон орден супорид*

## СОҲИБКОРОНИ БАДАХШОН ОГОҲӢ ГИРИФТАНД

**21-уми ноябр аз ҷониби кормандони мақомот таблоҳои кӯчаю бозорҳои шаҳри Хоруғ санҷида шуд.**

Ба онҳое, ки қонуни забони давлатиро нақз кардаанд, огоҳӣ дода шудааст. Санҷишро гурӯҳи корӣ дар ҳайати муовини раиси шаҳр ва мудири шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи раиси шаҳри Хоруғ гузаронидаанд.

Ин санҷиш аз бозори марказӣ то бозори 20-солагии Истиқлоли шаҳри Хоруғ гузаронида шудааст.

"Дар рафти санҷиши гурӯҳи корӣ аз навиштаҷоти шиору овезаҳо ва номгузории мағозаҳо, қаҳвахонаҳо, ошхонаҳо, кошонаҳои ҳусн ва дигар марказҳои хидматрасонии маишӣ маълум гардид, ки бархеи онҳо ба талабот ва муқаррароти Қонун "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" мувофиқат намекунанд",- менависад рӯзномаи ҳукумати шаҳри Хоруғ.

Санҷишҳои гурӯҳи корӣ барои риоя кардани қонуни мазкур идома дорад.

## ВАЗИРОНИ ФАРҲАНГИ ТОҶИКИСТОНУ РУСИЯ САНАДИ ҲАМКОРӢ ИМЗО КАРДАНД

**Вазири фарҳанги Тоҷикистон Зулфия Давлатзода ва вазири фарҳанги Русия Олга Любимова санади нави ҳамкорӣ ба имзо расониданд.**

Гуфта мешавад, ки Анҷумани байналмилалии ҳунарҳои муттаҳид дар Санкт-Петербург имкон медиҳад, ки ҳамкориҳои судманди вазоратҳои фарҳанги Тоҷикистону Русия идома ёбанд.

Бино ба иттилои котиби матбуотии Театри давлатии академии опера ва балети Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Мастура Ғуломова, гап сари барномаи наве меравад, ки дар ҳошияи форум ба имзо расид. Ин санад ҳамкориҳои ду кишварро дар соҳаи фарҳанг тақвият мебахшад.

Форуми фарҳангӣ, аз ҷумла барои Тоҷикистон хеле пурсамар будааст.

Ёдовар мешавем, ки ахиран раиси палатаи болоии парлумони Тоҷикистон Рустами Эмомалӣ вобаста ба сатҳи баланди таҳсил дар Русия қайд карда буд, ки Душанбе омода аст ҳамкориҳоро бо Маскав дар ин самт афзоиш диҳад.

## АВТОБУСҲОИ ХУҶАНД ФАЪОЛ ШУДАНД

**Ҳаракати автобусҳои мусофиркаш дар роҳу кӯчаҳои шаҳри Хуҷанд, маркази маъмурии вилояти Суғд, ки як моҳ боз мутаваққиф шуда буд, аз сар гирифта шуд.**

Дар ин бора аз КВД "Нақлиёти мусофиркашон" -и шаҳри Хуҷанд хабар доданд. Ҳоло дар ҳатсайрҳо ҳудуди 20 автобус ҳаракат мекунад ва қарор аст дар оянда то 65 адад зиёд карда шавад.

Ёдовар мешавем, ки авохири моҳи гузашта дар шаҳри Хуҷанд, ҳаракати автобусҳо ба далели боло рафтани нархи сӯзишворӣ ба муҳлати номуайян мутаваққиф шуда буд.

## САРИ САБЗ



**Шодимуҳаммад СӮФИЗОДА, доктори илмҳои филологӣ**

**- Ҷамъе аз ширкаткунандагони озмуни «Фуруғи субҳи доноӣ китоб аст» шеърҳои зиёде аз бар кардаанд, аммо, ба истилоҳ «қориазёд» кардаанд, маънои калимаи соддаеро, ки рӯзона чандин бор онро мешунаванд, мепурсед, намедонанд.**

*- Аҷаб эроде гирифтед, ҷаноби доктор! О, мо мӯйи сарамон сафед шуду ҳоло ҳам маънои бисёр калимаҳои рӯзонаву шабона чанд бор шунидаамонро намедонем...*



**Ҷамолиддин АБДУЛЛОЗОДА, вазири тандурустии Тоҷикистон**

**- Тарки соҳа намудан ё ба дигар кишвар рафтани мутахассисони соҳа ба он алоқаманд аст, ки онҳо мехоҳанд донишу таҷрибаи кории хешро баланд бардоранд. Ҳамзамон, аксар табибоне, ки хосатан аз кишвар ба Федератсияи Россия рафтаанд, онҳо назди ҳамсарони хеш рафтаанд.**

*- Ииии, баланд бардоштани донишу таҷриба фаҳмо, аммо кушоду равшан гуфта метавонед, ки назди кадом ҳамсарошон рафтаанд, якум ё дуюм, тоҷик ё...?*



**Раҷаб САИДӢ, шоир ва рӯзноманигор**

**- Ҳаҷв пул намедиҳад, аммо имкони аз сидқ хандиданро фароҳам месозад. Солҳои пеш бо нашри чанд шеър аз ину он нашрияву маҷалла чанд тангае чун ҳақи қалам насибамон мешуд. Ин оин дар чанд соли охир батамом аз байн рафт.**

*- Хайр, ҳақи қалам надоданд, надиҳанд, ҳеҷ гап не. Ба навиштани шеъҷҳои ҳаҷвӣ нуқта нагузоред бомаром бинависед. Ва аз сидқ хандидан гиред.*

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МАСКАВ

## Аз қаноатмандии Путин то ваъдаи Мишустин

**21-уми ноябр Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо сафари расмӣ ба Русия сафар кард. Сафари сарвари давлат дар Маскав бо гузоштани гулчамбар дар назди Гулхани абадӣ ҳамчун эҳтиром ба хотираи иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ оғоз шуд. Дар идома Президенти Тоҷикистон бо Владимир Путин ва Михаил Мишустин дидору мулоқот анҷом дод.**



### Истиқбол бо забони тоҷикӣ

Эмомалӣ Раҳмонро дар фурудгоҳи "Внуково-2", ки барои қабулу гусели ҳайатҳои расмӣ ва меҳмонони баландпоя пешбинӣ шудааст, муовини сарвазири Русия Марат Ҳуснуллин бо забони тоҷикӣ пешвоз гирифт. "Хуш омадед, Ҷаноби Олӣ" гуфтани ӯ бо забони тоҷикӣ дар навоҳо сабт шудааст.

Ба пешвози Эмомалӣ Раҳмон дар майдони фурудгоҳ ротаи қаровули фахрии гарнизони Маскав ва оркестри низомии асбобҳои нафасӣ саф ороста, баъди гузориши фармондеҳи қаровули фахрӣ сурудҳои миллии ду давлат навохта шуд. Маросими истиқболи расмӣ бо гузашти тантанавии қаровули фахрӣ ба поён расид.

Баъдан Эмомалӣ Раҳмон дар қасри Кремл бо Владимир Путин, Президенти Русия мулоқот намуд.

Хабаргузории РИА "Новости" хабар медиҳад, ки ҳар ду роҳбари давлат аз муносибатҳои байни ду давлат изҳори қаноатмандӣ карданд.

Ба навиштаи ин расона, Владимир Путин зимни мулоқот таъкид кардааст, ки квота барои таҳсили донишҷӯёни тоҷик дар Русияро барои солҳои 2024-2025 то ҳазор адад зиёд мекунанд.

Ҳамчунин, дар ин сафар Владимир Путин ба хамтои тоҷикаш ордени "Барои хидмат ба Ватан" дараҷаи 3-ро эҳдо намуд.

### Имзои 8 созишнома

Баъди мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Тоҷикистон ва Владимир Путин, Президенти Русия миёни ду кишвар бастаи нави санадҳои ҳамкорӣ ба имзо расид.

- Нақшаи ҳамкорӣ дар соҳаи саноат байни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати саноат ва савдои Федератсияи Русия;

- Ёддошти тафоҳум байни Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати нақлиёти Федератсияи Русия дар бораи рушди ҳамкорӣ дар тайёрӣ ва бозомӯзии мутахассисон дар соҳаи нақлиёт;

- Нақшаи амалии ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия барои солҳои 2023-2025;

- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисоди Федератсияи Русия;

- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти федералии приставҳои судии Федератсияи Русия;

- Созишнома байни Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти федералии гумруки Федератсияи Русия дар бораи эътирофи тарафайни мақомоти танзимгарони ваколатдори иқтисодӣ;

- Ёддошти тафоҳум оид ба масъалаҳои назорати меҳнат ва мусоидат ба шуғли аҳолӣ байни Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти федералии меҳнат ва шуғли аҳолии Федератсияи Русия;

- Созишнома байни Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Маркази миллии таҳқиқоти "Институти Курчатов"-и Федератсияи Русия оид ба ҳамкориҳои илмӣ ва илмию техникӣ.

### Беш аз 90 млрд

Ҳаҷми муомилоти мол миёни Тоҷикистону Русия дар давоми моҳҳои январ - сентябри соли равон аз ҳадди 90 млрд рубл ва ё 10 млрд сомонӣ гузаштааст.

Ин нуктаро сарвазири Русия Михаил Мишустин дар мулоқот бо Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баён дошт.

Ба гуфтаи ӯ, ҳаҷми гардиши коло миёни ду кишвар дар нуҳ моҳа аз 90 млрд рубл бештар шуда, ҳаҷми умумии маблағгузориҳои Русия дар иқтисоди Тоҷикистон 148 млрд рублро ташкил додааст.

"Тиҷорати Русия ба пешбурди лоиҳаҳои нави муштарак дар соҳаҳои энергетика, саноат, сайёҳӣ, кишоварзӣ ва дигар соҳаҳо манфиатдор аст",- гуфт ӯ.

Мишустин зикр намуд, ки зиёда аз 70 вилояти Русия бо минтақаҳои Тоҷикистон робитаҳои мустақими корӣ доранд, ки миёнашон Маскав, Санкт-Петербург, Тотористон, Бошқирдистон, Олтой, Астрахан, Нижний Новгород ва Новосибирск пешсафанд.

Вай ҳамчунин аз ҳамкорӣ дар соҳаи маориф тавсиф намуда, далел овард, ки феълан дар Русия беш аз 35 ҳазор донишҷӯ аз Тоҷикистон таҳсил мекунанд, аз ҷумла ҳудуди 900 ҷой тибқи квотаи ҳукумат.

Сарвазири Русия инчунин аз Эмомалӣ Раҳмон барои таваҷҷуҳ ба рушди забони русӣ дар ҷумҳурӣ миннатдорӣ карда, 5 мактаби таҳсилот бо забони русиро рамзи нави дӯстии ҷонибҳо хонд.

### Аз муҳоҷирати меҳнатӣ то паркҳои саноатӣ

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо Раиси Ҳукумати Русия Михаил Мишустин вазъи кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои ду давлат дар соҳаҳои оияндадори тиҷоратию иқтисодӣ, саноат, энергетика ва кишоварзиро баррасӣ кард.

Дар ин бора Хадамоти матбуоти президенти Тоҷикистон хабар додааст.

Тибқи иттилои манбаъ, дар мулоқоте, ки дар доираи сафари расмии президент ба Русия сурат гирифт, таъкид шудааст, ки Русия дар сохтори гардиши савдои хориҷии давлати мо мавқеи пешсафро ишғол менамояд.

Дар ин дидор тарафҳо қайд кардаанд, ки дар самти ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ захираву имкониятҳои истифоданашуда бисёр аст, аз ин рӯ, барои пурра баҳрабардорӣ намудан аз он бояд тадбирҳои мушаххас андешида шавад.

Дар рафти мулоқот қайд карда шудааст, ки татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар бахшҳои саноати кӯҳӣ, металлургӣ, мудофиавӣ, коркади нафту кимиё, саноати хӯроквории сабук, нассоҷӣ, фармасевтӣ ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ба манфиати ҳар ду ҷониб хоҳад буд.

"Ҷалби сармояи Русия барои таъсиси паркҳои саноатӣ, нассоҷӣ, хӯроквории ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ зарур шуморида шуд",- қайд намудааст манбаъ.

Ҳамзамон тарафҳо аз сатҳи ҳамкорӣ дар соҳаи гуманитарӣ ибрози қаноатмандӣ намуда, ҳамзамон бо ин ба густариши минбаъдаи робитаҳои амалӣ дар соҳаҳои маориф, фарҳанг, тандурустӣ ва сайёҳӣ ҳавасмандии худро изҳор доштаанд.

Инчунин дар рафти суҳбат ҷонибҳо дар бораи масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва дигар мавзуҳои мавриди таваҷҷуҳ гуфтугӯйи судманд анҷом додаанд.

---

### КУМАК БА ОИЛАҲОИ КАМБИЗОАТ ЗИЁД ШУД

**Бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз моҳи ноябри соли 2022 тартиби нави пардохти кумакпулиҳои унвонии иҷтимоӣ қабул шуд ва аз моҳи июли соли равон ин нишондиҳандаҳо тағйир ёфтанд.**

Тибқи ин қарор, аз моҳи июли соли равон ним нишондиҳанда, аз якуми январи соли 2024 як нишондиҳанда ва аз якуми январи соли 2025 ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои ҳар фарзанди оилаи нодор пешбинӣ шудааст. Ҳоло як нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба 68 сомонӣ баробар аст.

Дар ин бора Файзиддин Қаҳҳорзода, вазири молияи Тоҷикистон зимни баррасии лоиҳаи буҷаи давлатӣ барои соли 2024 ва дурнамои он барои солҳои 2025-2026 дар ҷаласаи парлумон иттилоъ додааст.

Бояд гуфт, кумакҳои унвонии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ба оилаҳое расонида мешаванд, ки расман ҳамчун хонаводаи нодор эътироф шуда бошанд.

Тибқи иттилои Вазорати молияи Тоҷикистон, аз соли 2011 то соли 2022 аз ҳисоби буҷаи давлат ба қишри осебпазири ҷомеа ба маблағи 461,4 миллион сомонӣ кумаки унвонии иҷтимоӣ расонида шудааст.

### ТОҶИКИСТОН $1,4 МИЛЛИАРД ҚАРЗ МЕГИРАД

**Маҷлиси намояндагони Тоҷикистон дар ҷаласаи ахири худ лоиҳаи «Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Тоҷикистон барои соли 2024 ва дурнамои он барои солҳои 2025-2026»-ро тасвиб кард.**

Зикр мешавад, ки ин барнома 48 созишномаи қарзӣ, аз ҷумла 36 созишномаи қарзии амалкунанда ба маблағи зиёда аз 1,4 миллиард доллар ва 12 лоиҳаи созишномаҳои қарзӣ ба маблағи беш аз 1,4 миллиард долларро дар бар мегирад. Дар ин замина таъкид мешавад, ки тайи 10 моҳи соли равон Тоҷикистон ҳамагӣ ду созишномаи қарзӣ ба маблағи умумии 19,5 миллион доллар имзо кард.

Созишномаи аввал бо Бонки аврупоии таҷдид ва рушд барои татбиқи лоиҳаи таҷдиди нерӯгоҳи Қайроққум ба маблағи 10 миллион доллар ва дувум бо Бонки исломии рушд дар чаҳорчӯби лоиҳаи «Пуштибонии татбиқи стратегияи миллии рушди маориф» ба маблағи 9,5 миллион долар ба имзо расонида шуданд.

Дар баробари ин давоми се соли оянда барои пардохти қарзи беруна аз буҷаи давлати Тоҷикистон 1 миллиарду 235,7 миллион доллар, аз ҷумла соли 2024-ум 283,9 миллион доллар, соли 2025-ум 453,7 миллион доллар ва соли 2026-ум 498 миллион доллар пардохт мешавад.



# ХРОНИКАИ ҶАНГИ ИСРОИЛ БО ФАЛАСТИН

**ҶАНГИ ИСРОИЛУ ФАЛАСТИН, КИ АЗ САНАИ 7 ОКТЯБРИ СОЛИ РАВОН ОҒОЗ ШУДА, ТО БА ИМРӮЗ ИДОМА ДОРАД, ЯГОН НАФАР АЗ АҲОЛИИ САЙЁРАРО БЕТАРАФ ГУЗОШТА НАМЕТАВОНАД. ЗЕРО ДАР ИН ДАҲШАТ САДҲО НАФАР АҲОЛИИ ОСОИШТА ВА ЗАНОНУ КӮДАКОН ҚУРБОН ШУДАНД ВА МУТААССИФОНА ФОҶЕА ИДОМА ДОРАД. МО ХРОНИКАИ ҶАНГИ ИСРОИЛУ ФАЛАСТИНРО ДАР ТАКЯ БА МАНОБЕЪИ БОЗ ТАҲИЯ НАМУДЕМ, КИ ОН ПЕШКАШИ ШУМО МЕШАВАД.**

Дар навори Ғазза як даргирии мусаллаҳона миёни неруҳои дифои Исроил ва гурӯҳи террористии Ҳамос, ки ҷанги «Шамшерҳои оҳанин» номида мешаваду рӯзи 7-уми октябри соли 2023 дар посух ба ҳамлаи неруҳои Ҳамос ба қаламрави Исроил ва ишғоли шаҳракҳои ҳаммарз бо навори Ғазза рух дод, 1200 кушта бар ҷой гузошта, 242 нафарро гаравгон кард.

► **Соати 6-у 30 дақиқаи 7-уми октябри соли 2023**
дар вақти ҷашни Симхат Тора Ҳамос ҳамлаи густардаро дар Исроил аз навори Ғазза оғоз карда, садди байни навори Ғазза ва Исроилро рахна намудаву ба шаҳракҳо ва иншооти низомии исроилӣ наздик шуд. Ҳамла субҳи барвақти 7-уми октябр бо партоби аз 2500 то 5000 мушак ба Исроил аз навори Ғазза ва вуруди беш аз 2500 ҷангҷӯ аз замин, баҳр ва ҳаво ба қаламрави Исроил, аз ҷумла шаҳри Сдерот оғоз гардид. Тақрибан 1200 исроилӣ кушта шуданд. Исроил аз оғози амалиёти зиддитеррористӣ бо номи "Шамшерҳои оҳанин" хабар дод. Роҳбарияти ҳарбию сиёсии Исроил моддаи махсуси «40 алеф»-ро ҷорӣ кард, ки маънои роҳандозӣ намудани вазъияти ҳарбиро доштаву аз соли 1973 инҷониб татбиқ карда намешуд. Вазири мудофиаи Исроил Йоав Галант ҷамъомадани захиравиҳоро эълон кард. Дар зарфи 48 соат артиши Исроил 300 ҳазор нафарро сафарбар намуд ва дар бораи қарори даъвати боз 360 ҳазор нафар захиравиҳо эълон карда шуд. Ҳазорон исроилиҳое, ки дар хориҷа буданд, барои иштирок дар ҷанг ба мамлакат баргаштанд. Барои баргардонидани онҳо ширкати миллии ҳавопаймоии Эл Ал 12-уми октябр бори аввал аз соли 1982 парвози рӯзи шанбе анҷом дод.

► **8-уми октябр** банди Қонуни асосӣ дар бораи расман эълон кардани вазъияти ҳарбӣ дар Исроил ба амал даромад. Исроил аз кумаки ҳарбии ИМА, ки техникаи ҳарбиро ба Шарқи Наздик равона кардааст, бархӯрдор аст. Инчунин, Исроил аз дастгирии Англия ва Олмон низ истифода мебарад.

► **9-уми октябр** артиш дар бораи озод кардани ҳама шаҳракҳо ва иншоот аз ҷангҷӯёни Ҳамос хабар дод. Дар ҷараёни даргирӣ як идораи пулис дар шаҳри Сдерот, ки қаблан аз сӯи Ҳамос тасарруф шуда буд, тахриб гардид. Сарҳади Ғазза тахти назорат гирифта шуд.

► **10-уми октябр** навори Ғазза муҳосира ва бомбаборон шуд.

► **11-уми октябр** вазири корҳои дохилии Исроил Итамар Бен-Гвир эълон кард, ки аз ҳамин рӯз сар карда ҳар сокини шаҳри марзии Сдерот ҳақи бо худ гирифтани силоҳро доранд. Вазорати корҳои дохилии Исроил барои воҳидҳои зудамали шаҳрвандӣ 10 000 силоҳи оташфишон, аз ҷумла 4 000 милтиқи нимаавтоматӣ харидорӣ намуд.

► **17-уми октябр** артиши Исроил ба муҳосираи пурраи навори Ғазза шуруъ кард. Аҳолии осоиштаи Исроил дар нуқтаҳои аҳолинишини наздикии хати демаркатсия бо навори Ғазза ҷойгир карда шуд.

► **Шаби 9 ба 10-уми октябр** артиш беш аз 200 зарбаи дигар ба ҳадафҳо дар Ғазза анҷом дод. Сухангӯи низомии Ҳамос Абу Убайда гуфт, ки ҷангиён дар посух ба ҳар ҳамлаи ҳавоии Исроил як гаравгони исроилиро эъдом хоҳанд кард. Намояндагони Ҳамос баъдтар тавассути Ал-Ҷазира гуфтанд, ки омодаанд дар бораи оташбас гуфтугӯ кунанд, зеро онҳо "ба ҳадафҳои худ расидаанд". Вазорати корҳои хориҷии Фаластин Исроилро муттаҳам кард, ки ҳангоми ҳамлаҳо ба Ғазза аз муҳимоти манъшудаи фосфори сафед истифода бурдааст.

► **Шаби 10-уми октябр** Исроил интиқоли об ба навори Ғаззаро комилан қатъ кард. Аллакай рӯзи 7-уми октябр неруҳои ҳавоии Исроил ба зарбазаниҳои густарда ба ҳадафҳо дар навори Ғазза шуруъ карданд. То 9-уми октябр зиёда аз 500 ҳамин гуна объект вайрон карда шуд.

► **11-уми октябр** ҳангоми ҳамлаи неруҳои ҳавоии Исроил бинои Донишгоҳи исломӣ дар Ғазза комилан тахриб шуд.

► **12-уми октябр** неруҳои дифои Исроил ба як воҳиди элитаи Ҳамос дар навори Ғазза зарба заданд. Неруҳои ҳавоии Исроил дар як рӯз ба беш аз 3600 ҳадафи Ҳамос ҳудуди шаш ҳазор бомба партофтанд.

► **13-уми октябр** тайёраҳои исроилӣ шабонарӯзи дар шимоли Ғазза ба 750 объекти ҳарбӣ зарба заданд. Баъзе сиёсатмадорон иддао доранд, ки артиши Исроил ҳангоми тирборон кардани Ғазза аз фосфори сафед истифода бурдааст.

► **14-уми октябр** Ҳамос эълон дошт, ки неруҳои ҳавоии Исроил ба корвони паноҳҷӯёни араб, ки аз Ғазза ба ҷануб ҳаракат мекарданд, ҳамла кардаанд. Миср аз раҳоии гурезаҳо аз навори Ғазза тавассути гузаргоҳи Рафаҳ худдорӣ кард.

► **16-уми октябр** ҳафт корманди соҳаи тиб дар ҳамлаи ҳавоии Исроил ба ситоди дифоъи шаҳрвандӣ дар шаҳри Ғазза кушта шуданд.

► **17-уми октябр** Исроил манотиқи ҷануби навори Ғаззаро бомбаборон кард. Мақомоти беҳдошти Ғазза гуфтанд, ки дар бомбгузории шадиди шабонарӯзӣ дар Хон Юнис, Рафаҳ ва Дайр ал- Балоҳ беш аз 70 нафар кушта шудаанд. Вазорати тандурустии Ғазза гуфт, ки дар натиҷаи таркиш дар бемористони Ал-Аҳлӣ дар Ғазза чандсад нафар кушта шудаанд.

► **19-уми октябр** шаҳри Хон Юнис дар ҷануби навори Ғазза зери оташкушоии Исроил қарор гирифт, ки дар натиҷаи он дастикам 4 фаластинӣ кушта ва ҳудуди 50 нафар захмӣ шуданд.

► **20-уми октябр** Вазорати корҳои хориҷии Фаластин хабар дод, ки аз ҷониби Исроил ба калисои православии Порфирияи Муқаддас воқеъ дар ҷануби Ғазза тирборон сурат гирифта, бино қисман тахриб шуда ва куштаву захмиён низ ҳастанд.

► **21-уми октябр** корвони 20 мошини боркаш бо борҳои башардӯстона (доруву маводи ғизоӣ, аммо на сӯзишворӣ ва об) аз гузаргоҳи Рафаҳ дар марзи Миср убур кард.

► **22-юми октябр** ба маҷмааи зеризаминии масҷиди Ал-Ансор дар шаҳри Ҷенин ҳамла сурат гирифт.

► **23-юми октябр** расонаҳои исроилӣ гузориш доданд, ки Ҳамос ду гаравгонро озод кардааст.

► **Шаби 25 ба 26-уми октябр** неруҳои пиёдагард, муҳандисӣ ва зиреҳпӯш дар Ғазза амалиёти фаъолро оғоз карданд.

► **Шаби 26-уми октябр** неруҳои Исроил бо истифода аз танкҳо дар қисмати шимолии навори Ғазза рейд анҷом доданд.

► **28-уми октябр** артиши Исроил навори Ғаззаро аз замони оғози амалиёт ба таври густардатарин мавриди бомбаборон қарор дод.

► **29-уми октябр** дар давоми рӯз артиши Исроил ба 450 ҳадаф дар навори Ғазза зарба зад. Исроил интиқоли обро ба навори Ғазза тавассути ду хати лӯлаи об дар ҳаҷми 28,5 миллион литр (тақрибан нисфи ҳаҷми пеш аз ҷанг) аз сар гирифт.

► **30-юми октябр** видеое нашр шуд, ки аз ҷониби журналисти фаластинӣ Юсуф Ал-Сайфӣ наворбардорӣ шудааст. Дар он дида мешавад, ки як танки исроилӣ шоҳроҳи Салоҳиддинро баста, ба сӯйи мошини сабукрав тир холӣ мекунад.

► **31-уми октябр** дафтари матбуоти Корвети исроилӣ дар Баҳри Сурх хабар дод, ки «дар давоми 24 соати охир воҳидҳои муштараки ҷангӣ ба 300 ҳадафи созмони террористии Ҳамос, аз ҷумла партобгоҳҳои зиддитанкӣ ва мушакӣ дар конҳо ва маҷмааҳои низомии дохили он зарба задаанд».

► **1-уми ноябр** Даниэл Хагари хабар дод, хати пеши дифои Ҳамос дар шимоли навори Ғазза рахна карда шудааст.

**2-юми ноябр** Даниэл Хагари хабар дод, ки неруҳои артиши Исроил навори Ғаззаро аз шарқ ба ғарб буридаву ба шоҳроҳи Ал-Рашид дар соҳили баҳри Миёназамин расида ва ба ин васила ин хатро ба ду қисм тақсим кардаанд.

(Давомаш дар саҳ.9)

*Таҳлил*

# ЭЛЕКТРОМОБИЛ

## Камхарҷ, вале нархаш миёншикан

**Дар соли 2021 ба мамлакат ҳамагӣ 47 адад электромобил ворид шуда, ин шумора дар соли 2022 ба 767 адад расид. То имрӯз ба Тоҷикистон дар маҷмуъ беш аз 1600 нақлиёти барқӣ ворид карда шудааст, ки беш аз 800 адади он ба нимсолаи аввали соли равон рост меояд.**



Баъд аз ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андоз воридоти электромобилҳо ба муддати 10 сол аз боҷи гумрукӣ, ҳамчунин аз андоз, андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз озод карда шуда, ба зиёд гардидани теъдоди ин намуди нақлиёт мусоидат кард.

Ронандагони электромобил дар пойтахт зимни як назарсанҷӣ аз ҷониби pressa.tj дар бораи бартарӣ ва камбудиҳои ин намуди нақлиёт сухан гуфтанд.

Фаррух ном ронандаи "Рахш такси" мегӯяд, ки "истифодаи ин намуди нақлиёт аз чанд ҷиҳат хубӣ дорад. Аввал, овози баланду бӯйи ғализи сӯзишворӣ надошта, камхарҷ аст. Ин нақлиёт тарҳу намуди зебо дошта, дохили он кушоду барҳаво аст ва курсиҳои мулоиму бароҳат дорад. Истифодаи он қулай буда, бо 50 сомонӣ батареяи онро пур карда, то 350-400 км роҳро тай карда мешавад".

Ронандаи дигари ин ширкат аз гарон будани нархи электромобилҳо нигаронӣ карда, мегӯяд, ки шояд бо зиёд гардидани он нарх дар кишвар тағйир ёбад.

Тайи се соли охир шаҳри Душанбе 104 адад троллейбуси бесим, якчанд автобуси барқӣ ва як троллейбуси барқии бидуни тамосро харидорӣ кард, ки муҳаррики онҳо пурра бо нерӯи барқ фаъолият карда, то масофаи 200 километр бо нерӯи барқ ҳаракат менамоянд. Ин электробус ва электротроллейбусҳо дар хатсайри 1 ва 3-и шаҳри Душанбе ба таври пилотӣ озмоиш шуда буданд.

Истифодаи нақлиёти барқӣ на танҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ манфиатовар аст, балки аз ҷиҳати экологӣ низ тоза буда, вобастагии ҷумҳуриро аз бархе молҳои воридотӣ коҳиш медиҳад.

Вале инро на ҳамаи ронандагон қабул доранд. Онҳо мегӯянд, ки бояд тақрибан як сол мунтазам кор кунанд, то харочоти хариди нақлиётро пӯшонанд.

"Ман аз соати 7-и субҳ то 00:00-и шаб таксӣ меронам. Ин кори осон нест, нишастан миёнро аз кор мемонад. Электромобилҳо бӯй надоранд, овоз надоранд, вале ман бояд як сол нахӯрдаву напӯшида, кор кунам, то маблағ ҷамъ карда, ин намуди нақлиётро харидорӣ намоям. Ҳоло ҳатто умед надорам, ки дар як сол метавонам. Инчунин, соатҳои зиёд нишастан паси чамбараки электромобилҳо ва азхудкунии энергия аз ҷониби узвҳои дохилӣ хатарноктар аст, зеро узвҳо, ба монанди гурда, дил, майна ва чашмҳоро заиф мегардонад. Асабоният, ғазаб, хастагиро зиёд мекунад ва боиси вайрон шудани диққат ва хотира мегардад",- мегӯяд Сунатулло ном ронанда.

Нархи нақлиёти барқии мусофирбар дар бозори мошинҳои пойтахт аз 20 ҳазор доллар оғоз мешавад. Хариди он тавассути интернет 280 ҳазор сомонӣ арзиш дорад.

Сабаби дигари рушд наёфтани бозори нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон набудани нуктаҳои барқгиранда ва нигоҳдории он мебошад.

То ба имрӯз дар шаҳри Душанбе 55 нуктаи нерӯбахшӣ мавҷуд буда, корҳо барои тавсеаи инфрасохтори зарурӣ идома доранд. Дар саросари ҷумҳурӣ бошад, аз 169 нуктаи нерӯдиҳандаи ба нақша гирифташуда 36-тоаш ба кор оғоз кардааст.

Бояд гуфт, ки барои рушди инфрасохтори бозор ва хадамоти нақлиёти барқӣ чораҳо андешида шуда истодааст.

**Суман УБАЙДУЛЛОЗОДА**

*Озмун*

# РАҚОБАТИ 115 НАФАР ДАР 115-СОЛАГИИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ

**Даври ҷоруми Озмуни ҷумҳуриявии “”Тоҷикон” - оинаи таърихи миллат” оғоз мешавад. Қарор аст озмун аз 24 то 28-уми ноябр дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон баргузор гардад.**




“”Тоҷикон” - оинаи таърихи миллат” ба 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров бахшида шуда, дар он 115 нафар иштирок мекунанд.

Маросими ҷоизасупорӣ ба ғолибон бошад, 1-уми декабр дар назар аст.

Ёдовар мешавем, ки озмуни ҷумҳуриявии ««Тоҷикон» - оинаи таърихи миллат» соли аввал аст, ки таҳти сарпарастии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон баргузор мешавад.

Ҳадафи он дарёфти чеҳраҳои нав, наврасону ҷавонони лаёқатманд, худшиносу худогоҳ, ватандӯст ва таърихдон мебошад.

*Навгонӣ*

# ДАСТОВАРДИ ХОНАНДАГОНИ ПОЙТАХТ ДАР ОЛИМПИАДАИ ҶАҲОНӢ

**Хонандагони пойтахт дар Олимпиадаи кушоди ҷаҳонии астрономия Open World Astronomy Olympiad-2023 миёни 14 кишвари дунё ғолибият ба даст оварданд.**

Аз 14-ум то 22-юми ноябри соли равон дар шаҳри Сочии Федератсияи Россия Олимпиадаи кушоди ҷаҳонии астрономия Open World Astronomy Olympiad-2023 баргузор шуд. Дар он аз 14 давлати дунё намояндагон иштирок намуданд.

Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 нафар аз «Литсей барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Душанбе ширкат варзида, сазовори 3 ҷойи ифтихорӣ: як ҷойи 2-юм, як ҷойи 3-юм ва як ҷойи ифтихорӣ гардиданд.

Бояд гуфт, ки маротибаи аввал аст хонандагони тоҷик дар олимпиадаи ҷаҳонӣ аз фанни астрономия Ҷумҳурии Тоҷикистонро муаррифӣ намуданд.



*Квота*

# ДАР АРАБИСТОНИ САУДӢ ТАҲСИЛ КАРДАН МЕХОҲЕД?



**Донишҷӯёни тоҷик метавонанд дар Арабистони Саудӣ таҳсил кунанду аз ин кишвар бурсияҳои вижаро дастрас намоянд.**

Маркази барномаҳои байналмилалии Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон хабар дод, ки бурсияҳо дар заминаҳои маориф, мудирият, иқтисод ва фанноварииҳои иттилоотӣ пешбинӣ шудааст. Донишҷӯёни риштаҳои кишоварзӣ, фарҳангӣ, фаннӣ ва муҳандисӣ, табиатшиносӣ ва риёзӣ низ метавонанд аз имтиёзҳои давлатии Арабистони Саудӣ бархӯрдор шаванд.

Довталабоне, ки нияти таҳсил дар Арабистони Саудиро доранд, бояд ба Маркази барномаҳои байналмилалӣ дар Душанбе муроҷиат кунанд. Ҳоло наздики 25 донишгоҳ дар Подшоҳии Арабистони Саудӣ довталабони хориҷиро барои таҳсил мепазиранд.

*Дастовард*

# ДДТТ СОҲИБИ ТАҶҲИЗОТИ НАВ ШУД



**Ба Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино таҷҳизоти муосири соҳавӣ дастрас гардид.**

Мизи «Пирогов», ки дар бисёр донишгоҳҳои тиббии Русияву Осиёи Миёна барои омӯзиши сохти бадани одам васеъ истифода бурда мешавад, ба Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ворид гардид. Ин миз барои гузаронидани дарсҳои амалӣ ва лексонии гурӯҳӣ мувофиқ буда, дар он маводи аёнӣ барои омӯзгорон ва донишҷӯён пурра дастрас мебошад. Дар он модели пурраи бадани одам, системаи узвҳо, инчунин, узвҳо ва сохторҳои алоҳидаи бадани одам дар шакли «3D» ҷой карда шудааст.

Омӯзгорон ва донишҷӯён акнун метавонанд ба усулҳои муосири омӯзиши анатомияи нормалӣ, анатомияи топографӣ, гистология, патология ва ҷарроҳия дастрасӣ пайдо намоянд.

*Дин ва ҷомеа*



# ҚУЛЛАИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ

## Аз фатҳи он 90 сол гузашт ё 3,5 ҳазор сол?

**Моҳи сентябри имсол ба фатҳи қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ, ки қаблан Қуллаи ба номи Сталин ва баъди соли 1962 Қуллаи Коммунизм ном дошт, 90 сол пур шуд, вале манбаъҳои илмӣ шаҳодат медиҳанд, ки ориёиҳо ин қулларо 3,5 ҳазор сол қабл фатҳ намуда буданд.**

Дар маъхазҳои муосир дар бораи фатҳи Қуллаи Исмоили Сомонӣ омадааст: «Рӯзи 3.09.1933 дар хаёти отряди №33 экспедитсияи помирӣ-тоҷикистонӣ, ки вазифааш фатҳи қуллаи «7495» буд, воқеаи муҳимтарин ба амал омад. Сарфи назар аз вуҷуд надоштани таҷрибаи фатҳи ин қулла, номусоидии боду ҳаво, камбуди техникӣ ва ғайра кӯҳнавардон ин қуллаи баландтарини кишварро фатҳ намуданд. Чанде аз кӯҳнавардон дар баландиҳои гуногуни роҳи қулла ҳаракати худро идома дода натавониста, пас гаштанд. Кӯҳнавард Николаев ва борбардор Ҷамбай Ирал ҳалок шуданд. Ба қулла танҳо ду нафар кӯҳнаварди ҷавон Евгений Абалаков ва роҳбари отряд Николай Петрович Горбунов баромаданд".

Муаллиф ин лаҳзаи кашфи қулларо чунин тасвир намудааст: «Дар пеш дусад метри охирин. Горбунов тамоман бемадор мегардад. Вай қувваи охиринашро ба кор даровардани мешавад, аммо танҳо даҳ қадам пеш рафта метавонаду халос. Вай болои барф нишаста, ба Абалаков, ки пештар ҳаракат мекард, бо азоб ишора мекунад. Вай чанд дақиқа дудила мешавад: Баргардем? Қулла чӣ? Мана, вай тамоман дар наздикист! - ва рафиқи дар болои барф беҳолшуда... Аммо Горбунов боз бо даст ишора мекунад: Рав, пеш рав! Ва Абалаков ба сӯи қулла боз қадам мегузорад. Қабати сахтшудаи болои барф дар зери қадамҳои ӯ мешиканад. Абалаков қадамҳояшро тезтар мекунад, вале якбора дар ҷояш меистад, таъсири баландӣ ба чаккаҳояш мезанад, нафасаш мегирад. Вале ӯ боз қадам мегузорад ва боз, ин кӯталро гӯё ҳеҷ охир нест... Инак тахтасанги сахра. Наход ба қулла расидааст ӯ? Абалаков рӯи сангҳои андаке гарми муъҷизаосо дароз мекашад. Помир - кишвари кӯҳҳо, пиряхҳо ва афсонаҳо зери қадами ӯст, зери қудуми инсонест, ки бори аввал ба баландтарин қуллаи Помир боло шудааст!».

Акнун назар мекунем ба манобеи куҳан.

Дар «Маҳабҳарата» омадааст, ки аз болои қуллаи кӯҳи Меру (қуллаи Исмоили Сомонӣ,- М. Ҳ.) бахри Шир (ҳоло дарёи Сир воқеъ дар водии Фарғона. Он вақтҳо бо сабаби серобии зиёд аксари дарёҳо баҳру укёнус номида мешуданд,- М. Ҳ.) бараъло намоён аст, ки дар самти шимолии ин Шветадвипа (Ҷазираи Сафед) воқеъ гаштааст".

Воқеан, бо чанд нафаре, ки бо чархбол аз пахлуи ин қулла парвоз кардаанд, суҳбат карда, дарёфтам, ки аз болои қуллаи Исмоили Сомонӣ дарёи Сир намудор аст. Яъне агар ориёиҳо ба болои ин қулла намебаромаданд, имкон надошт бигӯянд, ки аз болои ин қулла Сирдарё намудор аст. Бинобар ин, метавон бо боварӣ гуфт, ки гузаштагони мо ҳанӯз 3,5 ҳазор сол қабл Қуллаи Исмоили Сомониро фатҳ карда буданд.

**Муҳтарам ҲОТАМ,**
**Шоири халқии Тоҷикистон**

# ЭМКУНӢ БАР ЗИДДИ ПНЕВМОКОККӢ

**Дар Тоҷикистон аз 20 то 30-уми ноябр Рӯзҳои моякӯбии оммавӣ бар зидди сирояти пневмококкӣ байни кӯдакони аз якунимсола то панҷсола баргузор мешавад.**

Дар ин бора масъулини Вазорати тандурустии Тоҷикистон зимни як нишасти хабарӣ эълон карданд. Дар ин замина тазаккур дода шуд, ки дар саросари ҷаҳон сирояти пневмококкӣ яке аз мушкилиҳои ҷиддӣ маҳсуб мешавад, зеро сирояти пневмококкӣ боиси афзоиши беморихои вазнин, ба монанди менингит, сепсис ва пневмония, ҳамчунин бемориҳое чун отити гӯши миёна, синусит ва бронхит мегардад.

Бо назардошти ин Ҳукумати Тоҷикистон ваксинаи зидди сирояти пневмококкиро дар нақшаи чорабиниҳои Барномаи миллии моякӯбӣ барои солҳои 2021-2025 ворид кард.

Вазорати тандурустии Тоҷикистон соли 2022 ваксинаи зидди сирояти пневмококкиро ба ин кишвар ворид карда, аз 1-уми ноябри соли 2022 моякӯбиро байни кӯдакони синнашон 2, 4 ва 12-моҳа оғоз кард.

Бо мақсади коҳиш додани бемориҳои пневмококкӣ байни кӯдакони аз 15-моҳа то 5-сола, ки бар зидди сирояти пневмококкӣ масуният надоштанд, Вазорати тандурустии Тоҷикистон тасмим гирифт, ки аз 20 то 30 ноябр Рӯзҳои моякубии оммавиро амалӣ созад.

Дар ин замина зикр мешавад, ки дар чаҳорчӯби ин маърака беш аз 800 ҳазор кӯдак дар саросари Тоҷикистон зидди сирояти пневмококкӣ моякӯбӣ хоҳанд шуд.

Сирояти пневмококкӣ як гурӯҳи бемориҳои сироятӣ мебошад, ки аз пневмокок падид меояд ва асосан кӯдаконро сироят мекунад.

Тибқи арзёбиҳои Созмони ҷаҳонии беҳдошт, ҳамасола дар саросари ҷаҳон беш аз 500 ҳазор кӯдаки то 5-сола аз бемориҳои пневмококкӣ мефавтанд.

*Дин ва ҷомеа*

# РОҲАИ ОҲАНИ ПАНҶАКЕНТ - САМАРҚАНД

## ва умед ба рушти туризму тиҷорат

**Сохтмони роҳи оҳани Панҷакент - Самарқанд, ки ба қарибӣ оғоз мешавад, барои рушди соҳаи сайёҳии Тоҷикистону Ӯзбекистон ва густариши ҳамкориҳои тиҷоратӣ мусоидат хоҳад кард…**

Аз Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент хабар медиҳанд, ки бо мақсади бунёди роҳи оҳани Панҷакент - Самарқанд дар ҳукумати шаҳр машварати собиқадорони соҳа, мутахассисон ва дигар шахсони масъул доир шуд. Маълум мешавад, ки барои бунёди роҳи оҳан гурӯҳҳои корӣ аллакай корро оғоз кардаанд.

Роҳи оҳани Панҷакент - Самарқанд бо ду мақсад сохта мешавад - рушди соҳаи сайёҳӣ ва рушди тиҷорат. Зеро, тавре ба ҳамагон маълум аст, Самарқанд ва Панҷакент ҳам шаҳрҳои сайёҳӣ ҳастанду ҳам шаҳрҳои барои тиҷорат мувофиқ.

Ёдовар мешавем, ки бунёди роҳи оҳани Панҷакент - Самарқанд ҳанӯз дар замони шӯравӣ ба нақша гирифта шуда буд, вале бо сабабҳои номаълум сохтмони он мавқуф гузошта шуд.

Хати ҳаракати роҳи оҳан истгоҳи Панҷакент (Тоҷикистон) - истгоҳи Булунғур - истгоҳи Ҷамбай - истгоҳи Фабрика (Ӯзбекистон) ҳанӯз дар замони шӯравӣ пешбинӣ шуда, ҳатто замин барои ин лоиҳа ҷудо гардида буд.

Бояд гуфт, ки масофа аз маркази шаҳри Панҷакенти Тоҷикистон то маркази шаҳри Самарқанди Ӯзбекистон қариб 60 км буда, тавассути нақлиёт метавон онро дар 1 соат тай кард.

Бинобар ин, метавон гуфт, ки барои бунёди ин роҳ лоиҳа омода аст.

Ҳанӯз моҳи июни соли 2021 зимни мулокоти муовинони вазирони нақлиёти Тоҷикистону Ӯзбекистон Шоиста Саидмуродзода ва Абдусамат Муъминов лоиҳаи сохтани қитъаи роҳи оҳани Панҷакент - Самарқанд муҳокима шуда буд. Инак, ҷонибҳо даст ба кор шудаанд, ки ин мо - аҳолии шаҳри Панҷакентро хушҳол мекунад.

**Бозорбой САИДМУРОДОВ,**
**собиқадори меҳнат, шаҳри Панҷакент**




*Дин ва ҷомеа*

# НИЗОМ НУРҶОНОВ ВА ТЕАТРИ ТОҶИК




**Дар шаҳри Душанбе бахшида ба 100-солагии санъатшиноси бузурги тоҷик Низом Нурҷонов маҷмуи мақолаҳои олимону мутахассисон таҳти унвони "Низом Нурҷонов ва театри тоҷик" ба нашр расид. Маҷмӯаи мазкур бо ду забон – тоҷикиву русӣ таҳия шуда, онро театршинос Маҳмадуллоҳи Табарӣ гирдоварӣ ва нашр кардааст.**

**Дар муаррифиномаи китоб омадааст:**

Имсол бунёдгузори илми санъатшиносӣ дар Ҷумҳурӣ ва поягузори мактаби театршиносии миллӣ Низом Ҳабибуллоевич Нурҷонов 100-сола мешаванд. Тамоми ҳаёти бошууронаи ин олими бузург ба омӯзиши театри суннатии тоҷик ва вазъи кунунии он, этнография ва хореографияи миллӣ, операву балет ва драматургия бахшида шудаанд. Масъалаҳои асосии дар мақолаҳои маҷмуаи мазкур матраҳшударо мавзуъҳое ташкил медиҳанд, ки ба эҷоду тадқиқоти Арбоби санъати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессор Н.Ҳ. Нурҷонов марбутанд. Маҷмуа, ҳамчунин, қисматҳоеро дар бар мегирад, ки фаъолияти илмӣ ва педагогии Н. Нурҷоновро (1923–2017) инъикос менамоянд.

*Дин ва ҷомеа*

# ҚАДАМИ ҚУРБОН РОҲ НАМЕСОЗАД!

**Ҳафтаи гузашта шабакаҳои иҷтимоӣ ва расонаҳо навиштанд, ки сарояндa ва ширинкори тоҷик Қадами Қурбон гӯё роҳи зодгоҳаш - деҳаи Чагами ноҳияи Шамсиддини Шоҳинро аз ҳисоби маблағҳои худаш асфалтпӯш мекунад.**

Ин хабар баъд аз он нашр шуд, ки ширкати Қадами Қурбон дар барномаи "Привет, Андрей!"-и Андрей Малахов пурсарусадо гардид. Бисёриҳо Қадами Қурбонро барои иқдоми начибаш офарин гуфтанд. Ҳатто шоири тоҷик Хайрандеш иқдоми ӯро бо навиштани шеър васф кард. Вале маълум шуд, ки ин хабар беасос будааст ва Қадами Қурбон роҳ намесохтааст. Аз Муассисаи давлатии назорати роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Шамсиддини Шоҳин мегӯянд, ки дар мавриди роҳсозии сароянда иттилоъ надоранд. Ин



ниҳод мегӯяд, ки 8 километр роҳи ин деҳа сангфарш карда шудааст.



# ФАРРУХ ҲАСАНОВ

## Тоҷике, ки 100 ҳунарманди русро қоил кард, кист?

**Овозхони ҷавони тоҷик Фаррух Ҳасанов ба даври финалии озмуни телевизионии “Ну-ка, все вместе!”, ки соли панҷум аст, дар шабакаи телевизионии “Россия 1” пахш мешавад, роҳ ёфт. Маҳорати овозхонии Фаррух Ҳасановро аз 100 узви ҳакамони ин озмун 97 нафар писандиданд.**

### Аз 100 - 94!

Ёдовар мешавем, ки Мавсими панҷуми озмуни “Ну-ка, все вместе!” 8-уми сентябри соли 2023 оғоз ёфт. Формати ин озмун чунин аст, ки як сарояндаро 100 нафар аъзои ҳакамон, ки ҳама ҳунармандони саршиносанд, гӯш мекунанд ва дар сурати писандидани иҷрои сароянда онро ҷонибдорӣ мекунанд. Ҳар як ҳаками озмун имкони ба довталаб додани як балро дорад. Дар даври гузашта Фаррух Ҳасанов 94 овоз гирифта буд. Ёдовар мешавем, ки соли равон сарояндаи тоҷик Зафар Абдуалимов ҳам дар ҳайати ҳакамони озмун қарор дорад, вале зимни иштироки намояндаи Тоҷикистон ӯ курсии ҳакамиро тарк мегӯяд, зеро Фаррух Ҳасанов шогирдаш аст.

Фаррух Ҳасанов бо пешниҳоди Зафар Абдуалимов ба озмуни “Ну-ка, все вместе!” рафтааст. Ӯ мегӯяд, ки нияти сафар ба Амрикоро дошт, вале вақте Зафар Абдуалимов пешниҳоди ширкат дар ин сабқати ҷаҳониро намуд, сафари Амрикоро мавқуф гузошта, ба унвони озмун анкета равон кард.

### Рӯ ба саҳнаи бузург

Фаррух Ҳасанов 20-уми июли соли 1998 дар шаҳри Душанбе ба дунё омада, миллаташ тоҷик аст. Ӯ аз кӯдакӣ ба мусиқӣ шавқу рағбат дошт ва дар баробари мактаби миёна дар студияи мусиқӣ низ таълим мегирифт. Аммо баъди хатми мактаб ба риштаи тарҷумониву забоншиносӣ дохил шуд. Фаррух як муддат аз рӯи касб кор кард, вале ишқи мусиқӣ дар ниҳоят боз ӯро ба ҷодаи ҳунар овард. Номи Фаррух Ҳасанов ҳамчун овозхон бори аввал дар пайи роҳ ёфтанаш ба финали озмуни “Central Asia Got Talent” муаррифӣ ва маъруф шуд. Фаррух бо иҷрои сурудҳои “Утром”, “Шейла”, “Лейли” ба забони русӣ ва таронаҳои тоҷикиаш “Резаборон”, “Телефон” ва “Модар” ба дили тамошобин роҳ ёфт. Соли гузашта ӯ сазовори ҷоизаи озмуни миллии “Tarona Music Award” гардид.

Фаррух Ҳасанов дар оғози соли 2023 бо нашри чанд акс дар “Инстаграм” аз издивоҷаш хабар дод, вале акси ҳамсарашро бо смайлик аз чашми ҳама пинҳон кард. Ҳамчунин, обуначиёни саҳифааш огоҳанд, ки падараш ба ӯ мошини “Мерседес” ҳадя кардааст.

### Умед ба ғолибият

Фаррух Ҳасанов феълан талош дорад, ки ғолиби сабқати телевизионии “Ну-ка, все вместе!” шавад. Зеро ғолибият дар ин озмун шонси ӯро барои фатҳи саҳнаҳои бузурги ҷаҳонӣ зиёд мекунад.

Фаррух дар даври гузашта ҳакамонро бо таронаи Lovely аз Билли Айлиш ва Холидро ба ваҷд овард. Ин дафъа бошад, ӯ таронаи “Как любовь твою понять”-ро, ки онро сарояндаҳои маъруфи рус Ҷони ва Асти дуэт сароида буданд, иҷро кард. 97 нафар ҳакамони озмун ба ҷонибдории Фаррух овоз доданд. Роҳбари ҳайати ҳакамон Сергей Лазерев аз он изҳори норизоӣ кард, ки ҷаро 100 нафар ба истеъдоди Фаррух овоз надоданд. Вале бо вуҷуди ин Фаррух ба финал роҳ ёфт, ки ин барои ӯ муваффақияти беназир аст.

Мо ҳам ба ҳамватанамон Фаррух Ҳасанов барор мехоҳем ва орзу дорем, ки ӯ дар ин сабқати ҳунарӣ ғолибият ба даст биёрад.

**Ф. БОБОЕВА**

# ИҶОЗАТ БА ДУ ШИРКАТ

## Интернет арзону суръат беҳтар мешавад?



**Пас аз нигарониҳои Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон аз суръати пасти интернету нархи гарони он, шикояти зиёди мардум, ахиран сардори Хадамоти алоқа Бег Сабур ба ду ширкат иҷозати ворид намудани интернетро дод. Суоле сар мезанад, ки оё вазъ беҳтар мешавад?**

### Хизматрасонӣ беҳ мешавад?

Маъмулан, дар Тоҷикистон се ширкат - “Tcell”, “Мегафон Тоҷикистон” ва “Вавилон” сермуштарӣ мебошанд. Шикоят аз суръати пасти интернету нархи гарон низ ҳамеша аз ин ширкатҳо ҷой дорад. Аммо ду ширкати аввал, ки номи расмиашон ҶСП “ТТ Мобайл” ва ҶСП “Индиго Тоҷикистон” аст, барои воридот кардани интернет иҷозатнома гирифтанд. Ба ин ду ширкат Хадамоти алоқаи Тоҷикистон иҷозат додааст.

Сардори Хадамоти алоқаи кишвар Бег Сабур ҳангоми вохӯрӣ бо намояндагони ширкатҳои номбурда гуфтааст, ки ин иқдом арзиши интернетро дар кишвар кам намуда, дастрасӣ ба онро осон менамояд. Сармояҳои хусусиро ба худ ҷалб карда, дар бозор рақобатпазир мегарданд. Аммо аз соли 2015 инҷониб воридоти интернетро пурра «Тоҷиктелеком» - ниҳоди тобеи Хадамоти алоқа ба зимма дошт.

### Мӯҳлат 1 ҳафта!

Қабл аз ин тасмим сардори Хадамоти алоқаи Тоҷикистон Бег Сабур дар вохӯрӣ бо намояндагони ширкатҳои мобилӣ ва ширкатҳои интернетрасон вобаста ба мушкилоти соҳаи алоқа мулоқот карда буд.

Сомонаи ин хадамот иттилоъ дода буд, ки Бег Сабур дар ин вохӯрӣ масъалаҳои тезонидани раванди гузариш ба пардохтҳои ғайринақдӣ, ҳалли мушкилоту монеаҳои мавҷуда ва таъмини дастрасии комили шаҳрвандон бо интернети баландсуръатро баррасӣ кард.

Сардори Хадамот дар вохӯрӣ ба масъулин супориш дода буд, то манотикеро, ки дар он ҷойҳо дастрасӣ ба алоқаи мобилӣ ва интернет заиф аст, муайян карда, барои бартараф сохтани камбудиҳо дастбакор шаванд.

Барои ин аз ҳисоби масъулини Хадамоти алоқа, ширкатҳои мобилӣ ва сохторҳои дигар гурӯҳи корӣ ташкил шуда, барои омода намудани ҳисоботи мукаммал ба онҳо як ҳафта мӯҳлат дода шуд.

“Пас аз пурра муайян гардидани ин гуна минтақаҳо, мушкилоти алоқаи мобилӣ ва интернет дар кӯтоҳтарин мӯҳлат бартараф шавад”,- ба масъулин супориш дода буд Бег Сабур.

### Нигаронии Президент



Ин ҳама тасмимҳо пас аз нигаронии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз фаъолияти ширкатҳои мобилӣ ва суръати паст сурат гирифт. Зимни ироаи Паёми навбатӣ ба Парлумон Сарвари давлат аз вазъи соҳаи алоқа дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла суръат ва нархи интернет изҳори нигаронӣ кард.

Таъкид гардид, ки таъмин намудани суръати баланди интернет ва дастрас будани нархи он барои рушди иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ, таъмин намудани амнияти иттилоотӣ, ҷалби сармоя ва ташкили паркҳои технологиву инноватсионӣ зарур мебошад.

Ба изҳори Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, ҳоло дар кишвар шумораи муштариёни интернет ба 4,5 млн расидааст, ки ба 100 нафар аҳолӣ 45 муштарӣ рост меояд. Вале суръат ва арзиши интернет ҳанӯз қонеъкунанда нест.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон Хадамоти алоқаро муваззаф кард, ки якҷо бо ширкатҳои соҳа барои беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо, паст кардани арзиши хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва интернет чораандешӣ кунанд.

Дар Паёми Сарвари давлат дастрас гардонидани интернети баландсуръат дар тамоми минтақаҳои кишвар, аз ҷумла шаҳру ноҳияҳои дурдастро муҳим арзёбӣ намуд. Зеро сайёҳон низ аксаран ба он маконҳое мераванд, ки суръати баланди интернет фароҳам аст.

Акнун интизор мешавем, ки оё вазъ беҳтар мешавад?

**У. РАҲИМЗОДА**

# 100 МЛН ЮАН

## имзои созишномаи нави Амонатбонк бо Хитой





**ПРЕЗИДЕНТИ БОНКИ ДАВЛАТИИ РУШДИ ХИТОЙ ТАН ЦЗЮН БО ГУРӮҲИ МУТАХАССИСОНИ САТҲИ БАЛАНД АЗ БОНКИ МАЗКУР БА КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТИИ «БОНКИ АМОНАТГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АМОНАТБОНК» ТАШРИФ ОВАРДАНД. ҲАДАФ БА ИМЗО РАСОНИДАНИ СОЗИШНОМАИ НАВИ ҚАРЗӢ МЕБОШАД.**






Дар ин росто, 17-уми ноябри соли ҷорӣ мулоқоти раиси Раёсати “Амонатбонк” Сироҷиддин Икромӣ ва Президенти Бонки давлатии рушди Хитой Тан Цзюн баргузор гардид. Зимни суҳбат ҷонибҳо оид ба ҳамкориҳои дуҷонибаи байнибонкӣ, ки аз соли 2008-ум инҷониб дар доираи Иттиҳоди байнибонкии Созмони ҳамкории Шанхай ба роҳ монда шудааст, ёдовар шуда, ҷиҳати боз ҳам густариши ҳамкориҳои дуҷониба дар самтҳои мухталиф ибрози назар намуданд.

Қайд гардид, ки дар давоми 15 соли ҳамкорӣ миёни бонкҳо 10 созишнома, аз ҷумла 9 созишномаи қарзӣ ба маблағи 81,5 млн доллар, 1 Созишнома оид ба рушд додани ҳамкориҳои дуҷониба ва 1 Ёддошти тафоҳум оиди ба бозомӯзӣ фаро гирифтани кормандони Амонатбонк ба имзо расонида шудааст.

Сипас аз ҷониби Раиси Раёсати “Амонатбонк” Сироҷиддин Икромӣ ва Президенти Бонки давлатии рушди Хитой Тан Цзюн боз як созишномаи нави қарзӣ ба маблағи 100 млн юани хитоӣ ба имзо расонида шуд.

Мақсади ба имзо расонидани созишномаи қарзӣ, пеш аз ҳама, аз пешниҳоди қарзҳои хурд барои рушди соҳаи кишоварзӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, барои ворид намудани техникаву технологияҳои истеҳсоли молу маҳсулоти воридотивазкунанда, инчунин соҳибкороне, ки аз Ҷумҳурии Халқии Хитой молу маҳсулот ворид менамоянд, иборат мебошад.

Ёдовар мешавем, ки тавассути ҳамкориҳои судманди дуҷониба миёни “Амонатбонк” ва Бонки давлатии рушди Хитой то ба имрӯз беш аз 81,5 миллион доллар маблағ ҷудо гардида, дар ин замина 74 лоиҳаҳои мухталиф дар 36 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ маблағгузорӣ гардидаанд.

Аз маблағҳои мазкур 35% фоизи онҳо барои рушди соҳаи кишоварзӣ, 46% барои рушди соҳаи саноат ва 19% барои дастгирии соҳибкории хурду миёна равона гардидаанд.

Инчунин, ба 4200 мизоҷ барои рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна қарзҳои хурд ҷудо карда шуда, дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳо дар бозори меҳнати кишвар зиёда аз 6900 ҷойи нави корӣ таъсис дода шудааст.

# ЭКСПО 2023 - СОҲИБКОРИИ ЗАНОН: ШАРИКӢ ВА ИМКОНИЯТҲОИ РУШД

**Дар шаҳри Душанбе бахшида ба Рӯзи байналмилалии занони соҳибкор ҳамоиши “Экспо 2023 - соҳибкории занон: шарикӣ ва имкониятҳои рушд” баргузор гардид. Дар доираи ин ҳамоиш молу маҳсулот ва хизматрасониҳои занони соҳибкор ва ташкилотҳои қарзии кишвар ба намоиш гузошта шуд.**

Корхонаи воҳиди давлатии “Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Амонатбонк” низ хизматрасониҳои худро ба намоиш гузошта, оид ба қарзҳои имтиёзнок, ки барои дастгирии занону бонувони соҳибкор равона гардидааст, намояндагони ин бонк ба ҳозирин маълумот пешниҳод намуданд.

Дар қисмати дигари ҳамоиш занону бонувони соҳибкор ва намояндагони вазорату идораҳо ва ташкилотҳои қарзӣ бо рӯнамо баромад намуданд. Қайд гардид, ки саҳми соҳибкорон, аз ҷумла занони соҳибкор дар рушди иқтисоди миллӣ ва дар ин замина мусоидат ба зиндагии арзанда, ки ҳадафи олии Ҳукумати мамлакат аст, назаррас мебошад.

Муовини Раиси Раёсати Корхонаи воҳиди давлатии “Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Амонатбонк” Сайфзода Ш. Ҷ. низ бо рӯнамо дар мавзуи “Нақши Амонатбонк дар беҳтар намудани дастрасии занон ба қарзҳо” баромад намуда, иброз дошт, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои баланд бардоштани мақоми занони тоҷик тадбирҳои муассир андешида шуданд. Занони соҳибкори кишвар дар корҳои созандагӣ, ободонӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда дар раванди татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар саҳми бештар гузошта, бо бонкҳо низ ҳамкорӣ менамоянд.

Амонатбонк ба соҳибкорони кишвар дар 9 моҳи соли 2023 дар ҳаҷми 411,7 млн сомонӣ маблағи қарзӣ пешниҳод намудааст.

Ин дар ҳолест, ки дар 9 моҳи соли 2022-юм 354,9 млн сомонӣ маблағи қарзии пешниҳоднамудаи Амонатбонк дастраси соҳибкорони кишвар гардида буд.

Дар маҷмуъ, Амонатбонк дар соли охир 9 987 нафар занони соҳибкорро бо пешниҳоди маблағҳои қарзӣ дар ҳаҷми зиёда аз 189 млн сомонӣ дастгирӣ намудааст.

Таҳлилҳо нишон доданд,







ки ҳаҷми қарзҳои додашудаи Амонатбонк баҳри дастгирии занони соҳибкори кишвар дар муқоиса ба давраи соли 2022-юм 1,8 маротиба афзоиш ёфта, ин раванд дар оянда низ ҳамчун ҳадафи асосӣ дар фаъолияти бонк қарор дода мешавад.



# ХРОНИКАИ ҶАНГИ ИСРОИЛ БО ФАЛАСТИН

(Аввалаш дар саҳ.4)

► **3-юми ноябр** Исроил ҳазорон муҳоҷири кории фаластиниро аз соҳили ғарбии дарё ба ҷануби навори Ғазза тавассути гузаргоҳи «Керем Шалом» аз Иордания ихроҷ кард.

► **4-уми ноябр** хабар расид, ки воҳидҳои пиёдагарди дивизияи Ғазза, ки бо танкҳо ва сапёрҳо тақвият дода шудаанд, ба қисмати ҷанубии навори Ғазза "ҳуҷуми ҳадафмандона" анҷом додаанд. Инчунин, сухангӯи Оҷонсии кумак ва кор бо паноҳандагони фаластинии Созмони Милали Муттаҳид гузоришҳоро дар бораи ҳамлаи ҳавоии Исроил ба як мактаби таҳти идораи СММ дар урдугоҳи гурезаҳои Ҷабалия таъйид кард.

► **5-уми ноябр** дивизияи 36-уми артиши дифоъи Исроил ба умқи навори Ғазза ворид шуда, дар соҳили баҳри Миёназамин мавқеъ гирифт.

► **6-уми ноябр** артиши Исроил кори посгоҳи мушоҳидавии Нахал Озро барқарор кард. Инчунин, дар пайи ҳамлаҳои мушакии Исроил ба маҷмааи тиббии Носир дар шаҳри Ғазза, ки ба бемористони кӯдаконаи Ан-Носир осеб расонд, ҳашт нафар кушта ва даҳҳо тани дигар захмӣ шуданд.

► **7-уми ноябр** артиши Исроил амалиётҳои ҷангиро дар маҳаллаҳои маркази Ғазза оғоз кард.

► **8-уми ноябр** теъдоди гурезаҳо аз манотиқи шимолии навори Ғазза дар долони башардӯстона дар шоҳроҳи Салоҳиддин дар як рӯз ба 15 ҳазор нафар афзоиш ёфт.

► **9-уми ноябр** артиши Исроил хабар дод, ки воҳидҳои бригадаи Нахал пас аз набардҳои 10-соата нуқтаи мустаҳками Ҳамос "Дастгоҳи 17"-ро дар қисмати ғарбии Ҷабалия комилан забт карданд. Йоав Галант, вазири дифои Исроил рӯзи 10-уми ноябр хабар дод, ки нерӯҳои артиши Исроил ба бандари Ғазза расидаанд.

► **12-уми ноябр** аз оғози амалиёти заминӣ воҳидҳои артиши Исроил 11 пойгоҳи Ҳамос дар шимоли навори Ғаззаро зери назорат гирифтанд. 3300 ҳадафи заминӣ тавассути ҳавопаймоҳои ҷангӣ, 860 адад бо чархболҳои низомӣ ва беш аз 570 адад тавассути ҳавопаймоҳои бесарнишин ба нишон гирифта шуданд. Инчунин, ду беморхонаи бузург дар Ғазза барои қабули беморони нав баста шуданд ва кормандони онҳо гуфтанд, ки бомбаборони Исроил, камбуди маводи сӯхт ва доруворӣ метавонад боиси марги кӯдакони навзоду афроди маҷруҳ шавад.

► **13-уми ноябр** сухангӯи дафтари нахуствазири Исроил Ариел Голдштейн гуфт, ки Ҳамос назорати шаҳри Ғаззаро аз даст додааст.

► **15-уми ноябр** нерӯҳои мусаллаҳи Исроил аз сокинони маҳаллаҳои канори Хон Юнис (Карара, Хуза, Бани Сухайла ва Абасан) дар ҷануби навори Ғазза даъват кард, ки хонаҳои худро тарк кунанд.

► **16-уми ноябр** ҷанговарони қӯшунҳои махсуси «Шалдаг» ва дивизияи 36-уми қувваҳои ҳарбии ҳавоии Исроил дар бемористони «Шифо» кофтуков гузарониданд.

► **17-уми ноябр** нерӯҳои артиши Исроил коргоҳи аслии Ҷиҳоди Исломиро барои тавлиди аслиҳа дар навори Ғазза таҳриб карданд, ки дар ҳудуди он силоҳҳои нодир ёфт шуданд.

► **18-уми ноябр** дивизияи 36-уми Исроил бо як баталйони Ҳамос дар минтақаи Зайтуни шаҳри Ғазза ҷангид.

► **19-уми ноябр** бо кумаки СММ 32 тифл аз бемористони «Шифо» эвакуатсия карда шуданд.

20-уми ноябр нерӯҳои артиши Исроил тарҳи марҳилаи нави амалиёт дар Ғаззаро пас аз анҷоми даргириҳо дар қисмати шимолии он тасвиб карданд.

**ДАР ШУМОРАИ ОЯНДА:**

*Кадом кишварҳои ҷаҳон ҷонибдори Исроил ҳастанду кадоме аз Фаластин пуштибонӣ мекунанд?*

**ШУМОРАИ НАВБАТИИ "ТОҶИКИСТОН"-РО ИНТИЗОР ШАВЕД**

# 7 БОР АФТОДАНУ 8 БОР ХЕСТАН

## Суҳбат бо барандаи Шоҳҷоизаи озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" Шукрона Тоҳирӣ

**"Пауло Коэло дар асари худ "Кимёгар" мегӯяд, ки "сирри муваффақияти зиндагӣ дар он аст, ки одам ҳафт бор афтаду ҳашт бор хезад". Ана ҳамон ҳафт бор солҳои пешин афтодан буду ҳашт бораш имсол якбора хестан, ки ман муваффақ гаштам",- мегӯяд барандаи Шоҳҷоизаи озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" дар соли 2023 Шукрона Тоҳирӣ.**



**- Чӣ шуморо ба озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» овард?**

- Дар озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» соли сеюм аст, ки ширкат мекунам. Соли якум дар даври ноҳиявӣ соҳиби мақоми сеюм шуда будам. Соли дуюм бошад, дар даври шаҳрӣ соҳиби ҷойи дувум ва дар ҷумҳуриявӣ ҷои ифтихориро соҳиб гардидам. Имсол, хушбахтона, дар даври ноҳиявӣ, шаҳрӣ, ҷумҳуриявӣ ҷойи аввалро гирифта, барандаи Шоҳҷоиза гардидам. Дар воқеъ, ҳеҷ бовар надоштам, ки баранда мешавам, вале тавре мегӯянд, ҳар афсаре, ки орзуи генерал шуданро надорад, ӯ афсар нест. Яъне агар ҳар иштирокчӣ орзуи Шоҳҷоизаро надошта бошад, пас ӯ аз рӯи ҳавову ҳавас иштирок кардааст.

**- Баъди ғолибият ва гирифтани Шоҳҷоиза чӣ эҳсосот доред?**

- Худро хеле хушбахт эҳсос мекунам. Бояд бигӯям, ки баъди гирифтани Шоҳҷоиза аз ҷониби ректори донишгоҳамон профессор Қобилҷон Хушвахтзода низ мукофот гирифтам. Қаблан, агар иҷрон кас аз шартномавӣ хонданам мепурсид, шарм медоштам, вале имрӯз бо ифтихор метавонам бигӯям, ки дар гурӯҳи буҷавӣ ҳастам.

**- Барои ғолибият дар озмун чӣ теъдоди асарҳои мутолиакарда боз чӣ лозим аст?**

- Барои ғолиб омадан дар ин мусобиқа танҳо заковат, меҳнатдӯстӣ ва эътимод ба худ лозим аст. Агар 500 китоб хонда бошӣ ва тамоми шеърҳои дунёро аз ёд донӣ, аммо ба худат ва ба пирӯзии худ бовар надошта бошӣ, ин туро ба ҷое намебарад.

**- Шумо дар чандсолагиатон ба адабиёт дил бастед?**

- Ангезаи асосии ба мутолиа дил бастани ман волидонам буданд, ки моро ба хондан ва ба худ бовар доштан талқин мекарданд. Вақте ки волидон бо фарзандони худ дӯстӣ мекунанд ва онҳоро қатъиян маҳдуд намекунанд, дар руҳи кӯдак муҳаббат ба ин ё он соҳа пайдо мешавад. Банда роҳи илмро дар мактаби №46-и шаҳри Душанбе шурӯъ карда, баъд дар Гимназияи рақами 2 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе таҳсил кардам. Шавқ нисбат ба адабиёт аз хурдӣ дар дилам буд. Ҳамин тавр, замони донишҷӯйӣ ҳам аз мутолиа дур нашудам.

**- Шумо аз номинатсияи адабиёти муосири тоҷик соҳиби Шоҳҷоиза шудед. Кадом адибонро меписандед?**

- Яке аз аввалин китобҳое, ки банда мутолиа кардам, "Марги судхӯр"-и устод Садриддин Айнӣ буд. Бо падарам ба бозор рафта будему нигоҳам ба ин китоб бархӯрд. Дар аввал фикр кардам, ки дар муқоваи он ғалат рафтааст. Фикр кардам, ки на "Марги судхӯр", балки марди судхӯр бояд бошад. Падарам он китобро бароям хариданд. Ҳамин тавр ба осори устод Садриддин Айнӣ дил бастам. Ҳамаи асарҳои эшонро меписандам. "Палатаи кунҷакӣ"-и Фазлиддин Муҳаммадиев ва "Буд набуд"-и Сорбон асарҳои маҳбули дилам ҳастанд ва мутолиаи онҳоро ба ҳамагон тавсия медиҳам.

**- Аз рӯи шунидам, эҷодкор низ ҳастед?**

- Бале, шеър эҷод мекунам. Аз синфи 7 аллакай бо Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ҳамкорӣ доштам ва ҳафтае як маротиба кӯшиш мекардам, ки ба назди устод Муҳаммадалӣ Аҷамӣ рафта, маслиҳат бигирам. Худо раҳматашон кунад, аз он кас бисёр омӯхтаам.

**- Чанд муддат дар телевизион ҳам фаъолият доштед. Чӣ шуд, ки ба соҳаи ҳуқуқ равона гардидед?**

- Бале, ман чор сол дар телевизиони "Баҳористон" фаъолият кардам. Соли 2018 кастинг эълон шуд, ки аз байни 64 нафар 5 нафар ба кор пазируфта шудем. Аввал дар самти барномаҳои сиёсӣ фаъолият кардам, вале баъдан бо хоҳиши худам ба шуъбаи фарҳанг гузаштам. Дар барномаи "Як соат" бахши "Як хунар"-ро омода мекардам. Пас аз донишҷӯ шуданам падарам дигар ба фаъолиятам розигӣ надоданд. Зеро ман зиёд хаста мешудам ва эшон хавотири саломатиам буданд.

Имрӯз донишҷӯйи риштаи ҳуқуқ ҳастам ва касбамро дӯст медораму мехоҳам дар оянда яке аз беҳтаринҳо бошам.

**- Кӣ бештар барои муваффақ гардидани шумо кумак кард?**

- Падару модарам ва омӯзгоронам, ки аз онҳо миннатдорам. Падару модарам барои банда беҳтарин шароитҳро муҳайё кардаанд, ки хуб таҳсил кунам.

**- Ба назари шумо, ба ҷуз баргузории озмунҳо, дар байни ҷавонон боз бо кадом роҳҳо китобхониро таблиғ мебояд кард?**

- Дар ин рӯзҳо озмун беҳтарин вариант аст, зеро ҷомеаи мо ба ҳавасмандгардонӣ диққати махсус медиҳад. Ҳамчунин, телевизион, радио, рӯзнома ва умуман ВАО дар тарғиби китоб нақши калон гузошта метавонанд.

**- Шукрона, ташаккур барои суҳбат.**

- Ба шумо низ ташаккур. Аз фурсат истифода бурда, ба ҳамаи онҳое арзи сипос менамоям, ки дар ин рӯзҳо шодишарики ман буданд ва тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ маро табрик карданд.

**Мусоҳиб:**
**Сумани УБАЙДУЛЛО**

ҶОМИ ҶАҲОН-2026

# ПИРӮЗИИ ТОҶИКИСТОН БАР ПОКИСТОН БО ҲИСОБИ БУЗУРГ

**Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон дар бозии дуюми марҳилаи дуюми интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 дар Исломобод бар дастаи мунтахаби Покистон бо ҳисоби бузурги 6:1 пирӯз шуд.**

Голҳои Тоҷикистонро Амадонӣ Камолов (2 гол), Рустам Соиров, Парвизчон Умарбоев, Эҳсони Панҷшанбе ва Шаҳром Самиев заданд. Голи Покистонро Раҳис Набӣ дар дақиқаи 21-ум ба ҳадаф расонд.

Бозии якуми шогирдони Пётр Шегрт дар Душанбе бо дастаи мунтахаби Урдун 1:1 ба охир расида буд, ки голи Тоҷикистонро Шаҳром Самиев зад.

Дар бозии дигари ҳамин давр дар ин гурӯҳ Арабистони Саудӣ дар меҳмонӣ бар Урдун бо натиҷаи 2:0 пирӯз шуд. Бозии якуми Саудӣ бо Покистон буд, ки 4:0 бар нафъи арабҳо ба охир расид. Ҳоло дар ин гурӯҳ Арабистони Саудӣ бо 6 имтиёз дар ҷойи якум аст, Тоҷикистон бо 4 имтиёз дуюм, Урдун бо 1 имтиёз сеюм ва Покистон бидуни имтиёз дар ҷойи охир аст.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон бозии навбатии худро дар даври дуюми интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 дар баҳори соли 2024 идома хоҳад дод. Ду бозӣ бо дастаи Арабистони Саудӣ аст, ки яке дар хона ва дигаре дар сафар хоҳад буд. Сипас, тобистони соли оянда бо Урдун дар сафар ва бо Покистон дар Душанбе бозӣ мекунад.

Ғолибони нух гурӯҳ ва ҷойи дуюм ба даври сеюми интихобии Ҷоми ҷаҳонии футбол роҳ ёфта, ҳамзамон ба даври финалии Ҷоми Осиё-2027 дар Арабистони Саудӣ роҳхат мегиранд.




ЕВРО-2024



# 21 ДАСТАЕ, КИ ДАР ДАВРИ ФИНАЛӢ БОЗӢ МЕКУНАНД, МАЪЛУМ ШУДАНД

**Рӯзҳои 20 ва 21-уми ноябр бозиҳои даври 10-уми марҳилаи интихобии Евро-2024 баргузор шуданд. Баъди ин рақобатҳо дар умум 21 дастае, ки дар марҳилаи финалии Чемпионати Аврупо бозӣ хоҳанд кард, маълум шуданд.**

Ҳамин тавр, дастаҳои мунтахаби Олмон (мизбони мусобиқа), Белжик, Фаронса, Португалия, Испания, Шотландия, Туркия, Утриш, Англия, Маҷористон, Словакия, Албания, Денмарк, Нидерланд, Руминия, Суис, Сербистон, Италия, Чех, Словения ва Круасӣ роҳхат гирифтанд.

Боз се дастаи дигар дар марҳилаи плей-офф дар моҳи марти соли 2024 соҳиби роҳхат мешаванд. 6 тими мунтахаб - Олмон, Португалия, Фаронса, Испания, Белгия ва Англия дар вақти қуръакашӣ шомили сабади аввали Евро-2024 аз рӯи имтиёзҳо гардиданд. Қуръакашии марҳилаи гурӯҳии Евро-2024 рӯзи 2-юми декабр баргузор мешавад.

ҶУДО

# 10 ПАҲЛАВОНИ ТОҶИК ДАР TOKYO GRAND SLAM-2023 ШИРКАТ МЕКУНАНД

**Рӯзҳои 2 ва 3-юми декабр мусобиқаи навбатии "World Judo Tour" Tokyo Grand Slam-2023 баргузор мешавад, ки дар он дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар ҳайати 10 нафар ширкат мекунад.**

Дар ин мусобиқа иштироки наздики 500 ҷудокор аз 84 кишвар дар назар аст. Аз ҷумла, Тоҷикистонро дар ин мусобиқаи бонуфуз 10 ҷудокор миёни мардҳо намояндагӣ мекунанд.

Дар мусобиқаи Токио ҷудокорони тоҷик Муҳаммадсолеҳ Қувватов (-60 кг), Меҳрзод Сӯфиев (-60 кг), Эмомалии Нуралӣ (-66 кг), Обид Ҷебов (-66 кг), Беҳрӯз Хоҷазода (-73 кг), Абубакр Шеров (-73 кг), Сомон Маҳмадбеков (-81 кг), Муҳаммадҷон Абдуҷалилзода (-81 кг), Комроншоҳи Устопириён (-90 кг) ва Эмомризо Анварзода (-100 кг) иштирок хоҳанд кард.

Маблағи умумии ҷоизаҳои мусобиқаи Tokyo Grand Slam 154 ҳазор евро аст. Ғолибон дар ҳамаи 14 вазн 5000 евро, барандагони медали нуқра 3000 евро ва медали биринҷӣ 1500 евро ҷоизапулӣ дарёфт мекунанд.

Дар соли 2023 ҷудокорони Тоҷикистон дар мусобиқаҳои байналмилалию ҷаҳонӣ 41 медал (11 тилло, 11 нуқра ва 19 биринҷӣ) ба даст оварданд, ки нисбат ба соли гузашта 27 адад зиёд аст.

ФУТБОЛ

# ДАСТАИ ТОҶИКИСТОН ТИМҲОИ КУВАЙТ ВА ЧИНРО МАҒЛУБ КАРД

**Дастаи мунтахаби олимпии футболи Тоҷикистон (U-23) дар бозиҳои дӯстона бар тимҳои Кувайт ва Чин пирӯз шуд.**

Дастаи мунтахаби олимпии Тоҷикистон (U-23) дар доираи омодагӣ ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2024 бо роҳбарии Мубин Эргашев се бозии дӯстона анҷом дод.

Дастаи олимпии мо дар Дубай ҳамсолони худ аз Кувайтро бо ҳисоби 1:0 шикаст дод. Голро Муҳаммадиқбол Давлатов зад. Сипас, даста бо тими Амороти Муттаҳидаи Араб бозии дуюмро баргузор карда, бо ҳисоби 1:3 мағлуб шуд. Голи дастаи Тоҷикистонро Азизбек Ҳаитов зад.

19-уми ноябр дастаи мунтахаби олимпии Тоҷикистон дар шаҳри Сзинтсян бо тими олимпии Чин бозии дӯстона анҷом дода, бо ҳисоби 2:1 пирӯз шуд. Голҳои дастаи Тоҷикистонро Тоҳирҷони Тағойзод ва Муҳаммадиқбол Давлатов ба самар расониданд.



РЕЗААХБОР

Аз 16 то 19-уми ноябр дар шаҳри Гулистони Ӯзбекистон Чемпионати ҷаҳонии куштии камарбандӣ баргузор гардид, ки дар он паҳлавонони ноҳияи Зафарободи Тоҷикистон намояндагӣ карданду 7 нишон ба даст оваранд. Асрор Бойкузиев дар вазни 84 кг дар равияи классикӣ нишони тилло, дар равияи тарзи озод медали биринҷӣ, Рӯзибой Сафаров дар вазни 96 кг дар равияи классикӣ медали тилло, дар тарзи озод медали нуқра, Тоҷиддин Тӯйчиев дар ҳар ду равия ду медали биринҷӣ, Ҷамшед Сафаров дар вазни 72 кг дар равияи тарзи озод медали биринҷӣ ба даст оварданд.

***

Дастаҳои мунтахаби наврасони футболбозӣ то 17-солаи Тоҷикистон ва Русия дар шаҳри Душанбе ду бозии санҷишии дӯстона баргузор карданд, ки бозии аввал мусовӣ (2:2) ва бозии дуюм бар нафъи Тоҷикистон (2:1) ба анҷом расид. Голҳои дастаи мунтахаби наврасони Тоҷикистонро Ориёнмеҳри Нуриддин ва Муҳаммадҷони Тоҳирӣ дар бозии аввал ва Масрур Ғафуров ва Ҳоҷӣ Абуманон дар бозии дуюм ба ҳадаф расониданд.



***

Дастаҳои мунтахаби наврасони футболбозӣ то 15-солаи Тоҷикистон ва Русия дар шаҳри Душанбе ду бозии санҷишии дӯстона баргузор карданд, ки дар ҳарду бозӣ меҳмонон бо ҳисобҳои бузург пирӯз шуданд. Дар бозии аввал рӯзи 18-уми ноябр наврасони рус бо ҳисоби 3:0 ва дар бозии дуюм 21-уми ноябр бо ҳисоби 5:1 бар наврасони то 15-солаи Тоҷикистон пирӯз шуданд.

***

Варзишгарони тоҷик дар Чемпионати ҷудои Осиё миёни наврасону ҷавонон 8 медал ба даст оварданд. Медалҳои тиллоро байни наврасон Лоиқ Қутбиддинов (-55 кг), Ёсин Бобокалонов (-66 кг) ва Муҳиддин Асадуллоев (-73 кг) ба даст оварданд. Дар миёни ҷавонон Аҳлия Муъминова (-52 кг), Абубакр Шеров (-73 кг) медали нуқра, Суннатулло Мусоев (-73 кг), Муҳаммадҷон Абдуҷалилзода (-81кг) ва Умедҷон Раҷабов (-90 кг) медали биринҷӣ гирифтанд.



## РАШК БОИСИ КУШТОР ШУД

**Прокуратураи минтақаи Узловскаяи вилояти Тулаи Русия тафтиши парвандаи як шаҳрванди 37-солаи Тоҷикистонро ба анҷом расонида, онро барои баррасӣ ба суд ирсол кард.**

Ин марди тоҷик бар асоси қисми дуюми моддаи 111-и Кодекси ҷиноятии Русия ба расонидани осеби вазнин ба саломатӣ айбдор мешавад. Гуфта мешавад, ки ӯ аз ғояти рашк як ҷавони 23-солаи шиноси ҳамсари русашро корд задааст. Ба марди тоҷик ҳамчун ҷазо то 10 соли зиндон таҳдид мекунад.

## МАРГИ КӮДАКИ 6-СОЛА

**ВКД Тоҷикистон аз ҳалокати боз як кӯдаки хурдсол дар зери чархи мошини раҳгузар хабар дод.**

Субҳи 17-уми ноябри соли 2023, тахминан соати 07:30 дақиқа ронандаи мошини тамғаи “Опел-Астра” Зувайдов Абдулвоҳид Саидович, соли таваллудаш 1982, сокини ноҳияи Ёвон, ҳангоми ҳаракат аз самти маркази ноҳия ба самти деҳаи Боғдараи ҳамин ноҳия аз ухдаи идораи воситаи нақлиёт набаромада, пиёдагарди ноболиғ Мардонов Сулаймон Фахриддинович, соли таваллудаш 2017, сокини ноҳияи мазкурро пахш намудааст. Дар натиҷа, ноболиғ ҷароҳатҳои гуногуни ҷисмонӣ бардошта, дар беморхона ба ҳалокат расидааст.

## КОРДЗАНИИ НОБОЛИҒ

**Ба ШВКД-2 дар ноҳияи Сино бо ариза ҷавони 18-солаи сокини ноҳияи мазкур муроҷиат намудааст.**

Шоми 14-уми ноябри соли 2023, тахминан соати 19:30 ҳангоми дар маҳаллаи Зарафшони пойтахт дар назди тарабхонаи “Ламзира” қарор доштанаш, ноболиғи 15-солаи сокини ҳамин ноҳия аз ҳиссиёти авбошӣ бо ӯ ҷанги ҷанҷол намудааст ва бо корд як маротиба ба пойи росташ зада, аз ҷойи ҳодиса ғайб задааст.



# ИН ҶАНГ ҶАНГИ МО НЕСТ!

## Муроҷиати ҷавони тоҷик, ки дар Украина асир афтодааст

**Телеграм-канали “Украина сейчас” видеои ҷавони 20-солаи зодаи Тоҷикистон Бунёд Ҷӯраевро, ки ба дасти неруҳои Украина асир афтодааст, нашр кард.**



Ҷӯраев Бунёд Мирхолиқович, санаи таваллудаш 3-юми сентябри соли 2003, зодаи деҳаи Ғазантараки ноҳияи Деваштичи вилояти Суғди Тоҷикистон аст. Вай нақл кард, ки ӯро баъди хатми Коллеҷи техникии шаҳри Владивосток дар минтақаи Шарқи дури Русия бо даъватнома ба хидмати ҳарбӣ бурда ва баъди 4 моҳи хидмат бо вай қарордод баста, ба ҷанги Украина фиристодаанд.

Ӯ нақл мекунад, ки дар оғоз дар ҷабҳаи Донетск дар мавзеи Старомайорск онҳоро ба кандани хандақҳову блиндажҳо водор карда буданд, вале як рӯз ҳатто худашон бехабар онҳоро ба хати пеши ҷабҳа партофтанд.

Дар поёни видео Бунёд Ҷӯраев ба ҳамватанони худ ба забони тоҷикӣ муроҷиат кард: “Салом алейкум, бародарони ман! Ин ҷанг ҷанги мо нест, бародарон. Ба шумо ба ин ҷанг омадан шарт нест. Инҷо шумо комилан мисли гӯштед, инҷо гӯштрезакунак (мясорубка) аст. Ман мехоҳам, ки шумо дар ин ҷанг иштирок накунед. Ман хато кардам, ки ба ин ҷанг омадам. Ман мехоҳам, ки шумо ҳамин хатои маро такрор накунед ва ба ин ҷанг наоед!”.

# АЗ ХАЛҚИ РУСИ УЗР МЕПУРСАМ!

## Барои даронидани рюгзаки як кӯдак...




**Дар шаҳри Хабаровск дар минтақаи Шарқи дури Русия як оилаи муҳоҷирони тоҷикро маҷбур кардаанд, ки барои рафтори кӯдакони худ узр бипурсанд.**

Ин хоҳару додари “гунаҳкор”, ки гӯё рюкзак, ё борхалтаи духтари ҳамсояро даронда бошанд, яке 8-сола ва дуюмӣ ҳамагӣ 10-сола аст. Дар видеои кӯтоҳи 40-сониягӣ, ки канали “Многонатсионал” рӯзи 18-уми ноябри соли 2023 нашр кард, ҳамаи аъзои ин оила: роҳбари хонадон Изатулло Саидов, ҳамсараш ва ҳарду фарзанди хурдсоли онҳо бо сари хам ва дастҳо пеши бар дар рӯ ба рӯи камера қатор карда шудаанд ва як марде, ки чеҳрааш намудор нест, амрашон медиҳад, ки “Сар кардем!” (“Поехали!”). Ба дунболи ин амр, Изатулло Саидов ба узрпурсӣ шурӯъ мекунад.

“Ман, Саидов Изатулло, мехоҳам аз халқи рус ва аз ҳамсоям узр бипурсам. Барои он ки вақте писари ман бо кӯдаки ҳамсоя бозӣ мекард, байнашон муноқиша шудааст ва (писари ман) борхалтаи ӯро дарондааст. Барои ин мехоҳам аз ҳама узр бипурсам. Хоҳиш мекунам, маро бубахшед. Ин кор дигар такрор намешавад”,- мегӯяд Изатулло Саидов, ки ҳамчунон бо сари хам ва ду даст пеши бар дар рӯ ба рӯи камера ҳарф мезад. Баъдан модари кӯдакон низ узрхоҳӣ мекунад.

Канали миллатгароён бо нашри ин видео аз он изҳори таассуф кардааст, ки ҷаро шаҳрвандии Русияи ин оила бекор ва онҳо депортатсия нашуданд.

# ҶАРО ҲАМСОЯ КӮДАКИ СЕСОЛАРО КУШТ?

**Як ҷавонзани 22-сола дар кӯчаи Маърифати шаҳраки Сомониён, маркази ноҳияи Рӯдакӣ даст ба ҷинояти гӯшношунид зада, духтарчаи сесолаи ҳамсояашро бо бераҳмии махсус бо чанд зарбаи корд ба гарданаш кушта, ҷасадашро дар партовгоҳ пинҳон кардааст.**





ВКД хабар медиҳад, ки гумонбар Манижа Эмомализода қабл аз содир кардани ин ҷиноят ҳангоми duздӣ аз хонаи ҳамсояаш ба даст афтодааст. Ӯ барои он духтари ҳамсояро дуздида, куштааст, ки хуши зани ҳамсоя ба гум шудани духтараш банд шуда, дуздӣ кардани ӯро фаромӯш кунад ва овоза накунад.

Худи Манижа Эмомализода дар дохили ҳаммоми хонааш ҷараёни ҳодисаро чунин нақл кард:

- Аз даҳонаш қапидаму як корд задам. Баъде ки дуюмбора корд задам, ҷонаш баромад... Рафта латта овардам, болояшро бо латта пӯшонидам ва бурда дар партовгоҳ партофтам...

Аз болои ин қазия парванда боз шуда, Манижаро солҳои зиёди пушти панҷара интизор аст.

## ДУХТАРИ 22-СОЛА ҒАРҚ ШУД Ё ХУДКУШӢ КАРД?

**Дар канори шаҳри Левакант дар ҷануби Тоҷикистон як духтари 22-сола дар дарё ғарқ шудааст. Дар ин бора маркази матбуоти Кумитаи ҳолатҳои фавқулодаи Тоҷикистон хабар медиҳад.**

“Сокини 22-солаи деҳаи Эшонободи ҷамоати деҳоти Ваҳдат дар канори шаҳри Леваканти вилояти Хатлон ба оби дарёи макони зисташ афтода, ғарқ шудааст. Наҷотбахшон билофосила ба корҳои ҷустуҷӯӣ оғоз карданд. Ҷасади духтарро худи ҳамон рӯзи 16-уми ноябр 5 километр пойинтар аз мавзеи ғарқ шуданаш пайдо карда, ба дасти хешовандонаш супурданд”,- гуфта мешавад дар хабар.

Маълум нест, ки ин духтар тасодуфан ба дарё афтодааст ва ё худкушӣ кардааст?

## НИМ МИЛЛИОНРО ГИРИФТУ ХОНАРО НАДОД

**Ду соҳибкори тоҷикро ба маблағи беш аз ним миллион сомонӣ фиреб додаанд.**

Марди 50-солаи сокини шаҳри Душанбе дар ду ҳолат тахминан моҳҳои август ва сентябри соли 2023, бо роҳи фиреб ба боварии мардони 48 ва 39-солаи сокини Душанбеву Ваҳдат даромада, аз онҳо ба маблағи 502 ҳазору 330 сомонӣ маҳсулоти сантехникӣ, атриёт ва хамираи дандоншӯӣ гирифта, ваъда додааст, ки бар ивазаш ба онҳо манзил гирифта медиҳад, аммо то ҳол на маблағ ва на манзили истиқоматиро надодааст.

## 150 ЧОРВОРО ГИРИФТУ МАБЛАҒ НАДОД

**Дар кишвар ҷинояти рабудан ё аз худ кардани ҷорво меафзояд.**

Ахиран, марди 46-солаи сокини шаҳри Истаравшан 14-уми майи соли 2023 бо роҳи фиреб ба боварии марди 42-солаи сокини ноҳияи Мастчоҳ даромада, аз ӯ барои фурӯш 145 сар ҷорвои майдаи шохдор ва 4 сар ҷорвои калони шохдорро, ки арзишашон 303 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, гирифта, маблағашро то ҳол барнагардонидааст.

## ПУЛИ МОШИНРО НАДОДА, ОНРО ФУРӮХТ

**Як сокини пойтахт бо қарз мошин харида, онро фурӯхт...**

24-уми феврали соли 2023 марди 27-солаи сокини пойтахт бо роҳи фиреб ба боварии марди 42-солаи сокини Душанбе даромада, аз ӯ мошини тамғаи «Тойота Приус»-ро 130 ҳазор сомонӣ нарх карда, гирифта, ваъда додааст, ки пулашро дар байни 25 рӯз медиҳад. Вале алакай як рӯз баъд ин мошинро ба дигар шахс ба маблағи 70 ҳазор сомонӣ фурӯхта, пулашро ба манфиати шахсиаш сарф кардааст.



# ЗУКОМ

## Дар кадом ҳолат ба духтур муроҷиат мебояд?

**Бо фарорасии фасли зимистон, ки тағйирёбии зуд-зуди ҳаво, боду борон, рутубату намнокӣ оғоз меёбанд, имконияти гирифтории инсон ба бемории зуком дучанд мегардад.**

Зуком бемории вирусӣ буда, давомнокии он 3-7 рӯзро дар бар мегирад. Хавфи асосии ин беморӣ дар оризаҳояш мебошад. Бештар илтиҳоби шуш, илтиҳоби пардаи гӯш, ки онро отит ҳам мегӯянд, бронхити шадид аз ҷумлаи оризаҳои зукоманд, ки метавонанд шакли музминро гиранд. Сабаби асосии беморшавӣ суст шудани қувваи муҳофизатии организм (иммунитет) аст.

Зуком бештар дар ҳавои намӣ - фаслҳои зимистону баҳор пайдо мешавад. Албатта ба бемориҳои мавсимӣ, аз он ҷумла зуком пеш аз ҳама шахсоне, ки иммунитети заиф доранд, гирифтор мешаванд. Кӯдакону пиронсолон ба гурӯҳи осебпазир дохил мешаванд. Барои дар мавсими сардиҳо гирифтор нашудан ба ин беморӣ иммунитетро пуркувват намудан лозим аст.

Тавре маълум аст, аслан барои пешгирии зуком ва сармохӯрдагӣ маҳсулоте, ки дар он бештар витамини С мавҷуд аст (лимӯ, хуч, смородина, карами турш (квашенная) муфиданд. Сабзии аз турбтарошак гузаронида ва бо равғани растанӣ омехта барои баланд бардоштани иммунитет хеле хуб аст. Дар таркиби сабзӣ теъдоди зиёди антиоксидантҳо мавҷуд ҳастанд, ки қувваи ҳимоятии ҷисмро мустаҳкам нигоҳ медоранд. Антиоксидантҳо ҳамчунин дар таркиби ҳар меваю сабзавоти рангаш зард, норинҷӣ ва сурх мавҷуд аст.

**Умуман, тавсияи духтурон ҳангоми гирифтор шудан ба ин беморӣ чунин аст:**

-Агар ҳарорати бадан то 37,5 дараҷа бошад, худи ҷисми инсон бояд бо он мубориза барад. Агар ҳамин нишондодро мо ба таври сунъӣ паст кунем, рафта-рафта ҷисм ба он одат мекунад ва минбаъд низ наметавонад бо он мубориза барад. Дар ин ҳолат агар ба бадани бемор маҳлули спирту обро омехта молед, табро паст мекунад.

-Дар ҳолати аз 37,5 боло рафтани таби бадан доруи парасетамол ё дигар доруҳои дар таркибашон парасетамолдошта барои кӯдакон ба миқдори 10 мг ба 1 кг вазни бадан ва барои калонсолон ба миқдори 500 мг дар як рӯз 3 - 4 маротиба тавсия дода мешавад. Дар ҳолати баланд шудани ҳарорати бадан аз 38 боло ҳатман ба пизишк муроҷиат намудан лозим аст.

# ШАЛҒАМ ДАВОИ 10 БЕМОРӢ

**Шалғам растании доруии қадимист ва манбаи витамини С (то 63 мг %) аст. Дар он витаминҳои Bi, B, PP, каротин низ мавҷуданд. Дар шалғам 3,8-9% қанд, 0,4-2% сафеда, намакҳои минералӣ ва ғ. ҳастанд.**

Хислатҳои шифобахши он: бехрешаи он, яъне қисми зеризаминиашро пухта бихӯранд, ҳамчун ғизо пуркувват аст, сурфаро дафъ менамояд, узвҳои даруни сина ва шикамро мулоим мекунад, чашмро қавӣ мегардонад, ба таом иштиҳо меоварад, сангҳои гурда ва хичакро майда карда, ба воситаи пешоб мерезонад, худи пешобро низ меронад.

Шалғамро дар сирко парварда, яъне як шабонарӯз дар он тар карда, баъд бихӯранд, лазиз мегардад, рутубати ғализи баданро рақиқ, яъне суюқ мегардонад ва ҳамаи узвҳои даруни сина ва шикамро қувват мебахшад, иштиҳо меоварад ва ҳангоми хӯрдан боднокиаш бархам меҳӯрад.

Баргҳои нозуки онро пухта бихӯранд, агарчи душворҳазм аст, вале дар амали рондани пешоб қавитар аз қисми заминиаш мебошад, инчунин шикамро пурбод мекунад. Ин хислати бади он ба воситаи истеъмоли мурч, зира ва шириниҳо ислоҳ карда мешавад.

Решаҳои борики онро соида, бо асал бихӯранд, барои бемориҳои сипурз ва пешоби бандшударо кушодан давои хубест. Ва агар он решаҳоро дар об пухта, лат карда, ба варамҳо гузошта банданд, онҳоро таҳдил медиҳад.

# САНГИ ГУРДА

## чӣ тавр бояд онро пешгирӣ кард?



**Пизишкон тавсия медиҳанд, ки барои гирифтор нашудан ба мушкили санги гурда ва роҳҳои пешоб ин қоидаҳоро бояд риоят кард:**

- Аз истеъмоли беш аз ҳадди гӯшт, чарбу, қаҳваи сиёҳ, шоколади талх ва донагӣ бояд худдорӣ кард.

- Аз масрафи сигор ва машрубот худдорӣ кунед.

- Ҳар рӯз на кам аз ду литр об нӯшед. Хатари пайдоиши санги гурда дар байни афроде, ки рӯзона ба қадри кофӣ об наменӯшанд, ду баробар бештар аст.

- Ҳамеша ба варзиш машғул шавед.

- Бештар мева ва сабзавот истеъмол кунед.

# Толеъномa



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

*Дар зиндагиятон шиносоиҳои нав, аз ҷумла ошиқона имконпазир аст. Ҳафта барои ба сафар баромадан мусоид аст. Чанд мушкилиро бартараф сохтан муяссаратон мегардад. Подоши амалҳои неки худро, ҳар некие, ки замоне барои дигарон карда будед, мебинед.*



**Савр**
**21.04 - 21.05**

*Аз нақшаву лоиҳаҳои худ дигаронро огаҳ насозед, вагарна бадхоҳон аз бовариятон сӯйистифода мебаранд. Ҳалли масъалаҳои муҳимро то ҳафтаи дигар мавқуф гузоред, эҳтимол нуқтаи назари шумо оид ба мушкилоти сарзада баъди чанд рӯз тағйир меёбад.*



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

*Рӯзи душанбе аз корҳои вазнини ҷисмонӣ худдорӣ намоед, кореро, ки аз уҳдааш намебароед, ба дӯш нагиред ва аз фаҳмиши худ бештар сухан нагӯед. Рӯзи сешанбе хуб оғоз меёбаду бад анҷом меёбад, ё баръакс, хеле вазнин оғоз ёфта, анҷомаш нек мегардад.*



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

*Тамоми кӯшишу ғайрати худро барои беҳтар сохтани вазъи иҷтимоӣ равона созед. Агар дар кори ҷиддие тасаввурот надошта бошед, кӯшиши мустақилона рафъ кардани онро накунед. Рӯзи душанбе эҳтимоли он ки ҳафта бо муноқиша оғоз меёбад, хеле зиёд аст.*



**Асад**
**23.07 - 22.08**

*Ҳодисаҳои ба саратон омадаро нағзакак таҳлил намоед. Вазъиятро ҳамаҷониба омӯхта, сари қарори муҳим омаданатон лозим аст. Ба эҳсосоти худ имкон надиҳед, ки ба фаъолияти касбиятон таъсир расонад, айни замон ин мушкили асосии шумо маҳсуб меёбад.*



**Сумбула**
**23.08 - 22.09**

*Дар ин ҳафта бо сабаби ба эҳсосот дода шуданатон ба ғалату камбудиҳои зиёде роҳ медиҳед. Вале имкони рафъ намудани лаҳзаҳои ногувор ҳанӯз ҳам вуҷуд дорад. Боэҳтиёт бошед, аз дасти нафарони ношинос туҳфа нагиред.*



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

*Аз ҳамкорӣ бо собиқ душманон ва рақибон бурд мекунед. Тамоми нерӯи худро сарф намуда, насибаи худро ба даст овარданатон лозим аст. Нафароне, ки маъшуқаи пинҳонӣ доранд, ба мулоқоти ошиқона рафтан боиси фош гаштани сирашон мегардад.*



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

*Кору мушкилии зиёде, ки дар ин ҳафта пайдо мешавад, ба фоидаи шумо аст. Дар танҳоӣ аз уҳдаи ҳама кор баромада наметавонед, нафаре ба шумо дасти кумак дароз мекунад. Миёнаи ҳафта барои тиҷорат ва кори савдо бобарор аст.*



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

*Ба пешниҳодҳои корие, ки дар ин ҳафта аз шиносону наздикон қабул мекунед, асабӣ нашуда назар намоед. Эҳтимол дар оянда фоидаашро бинед. Рӯзи сешанбе бо нафарони воломақом вохӯрӣ имконпазир аст. Чоршанбе барои муошират рӯзи мусоид нест.*



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

*Рӯзи душанбе барои ба даст овардани дили атрофиён каме вақтатонро сарф мекунед. Аз шиносоӣ дар рӯзи сешанбе худдорӣ накунед, дар ин рӯз аз ин робита фоида ба даст меоред. Ба ваъдаи нафарони бегона бовар накунед, шуморо фиреб кардан меҳоҳанд.*



**Далв**
**21.01 - 19.02**

*Дар ин ҳафта ба корҳое даст мезанед, ки баъдан боиси пушаймониятон мегардад. Сирру асроратон фош мегардад. Ба рафтори худ диққат диҳед, аз чаҳорчӯбаи одоб берун нашавед, он гоҳ оқибатҳои нохушро пешгирӣ мекунед.*



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

*Андешаи солим ва зеҳни тез дар бартараф намудани мушкилоти зиёде кумак мерасонад. Ҳангоми дар роҳи мошингард қарор доштан эҳтиёткориро пеша намоед. Беҳтараш аз нақлиёти ҷамъиятӣ истифода набаред.*

# БОЗОР СОБИР УЗР (НА) ПУРСИД

## Таърихи як бархӯрди шоир бо ҷанговарони интернатсионалист

**Дақиқ гуфта наметавонам, ки соли 1990 буд ё 1991. Бозор Собир он вақт депутати Шӯрои Олӣ буданду мо донишҷӯ. Дар як ҷаласаи Шӯрои Олӣ устод пешниҳод карданд, ки "унвонҳои ҷанговарони ҷанги Афғонистон бекор карда шаванд. Зеро мо дар Афғонистон дар муқобили ҳаммилатони худ ҷангидем ва ин наметавонад қаҳрамонӣ бошад. Баъдан, мо бо хоҳиши худ ба Афғонистон барои ҷанг нарафтаем, моро шӯравӣ маҷбуран бурд ва дар муқобили ҳамзабонони мо ба ҷанг ворид кард".**

Рӯзи дигар дар майдони Озодӣ гирдиҳамоии ҷанговарони итернатсионалист баргузор шуда, аз Бозор Собир талаб карданд, ки аз ҷанговарони ҷанги Афғонистон узр пурсад. Мо гурӯҳе аз донишҷӯён низ, вақте аз роҳ мегузаштем, ин гирдиҳамоиро тамошо ва назора мекардем. Касе бовар намекард, ки Бозор Собир ба ин гирдиҳамоӣ ташриф меорад, зеро ҳама шиорҳо алайҳи шоир садо медоданд. Гурӯҳе ҳатто ба хотири амнияти шоир, омадани ӯро ба гирдиҳамоӣ манъ мекарданд. Вале Бозор Собир ба касе гӯш накард, ба гирдиҳамоӣ ташриф овард ва ба минбар баромада, сухан кард. Ӯ аз ҷумла гуфт:

- Замоне, ки ман бо пуштибонӣ аз шумо шеър мегуфтам, ҳанӯз касе аз шоиронi мо чунин ҷуръате надошт. Шояд алъон гурӯҳе шуморо алайҳи ман мешӯронанд, вале иштибоҳ мекунанд. Зеро ҳадафи ман на бекор кардани имтиёзҳои шумо, на қаҳрамониҳои шумост. Ман фақат мехостам бигӯям, ки ҳар кӣ дар муқобили ҳаммилат, ҳамзабон ва ҳамдилу ҳамдини худ меҷангад, ӯ қаҳрамон нест.

Ӯ баъд аз ошкор намудани ҳадафҳои худ, шеъри «Аскарбачаҳои ҷанги Афғонистон»-ро, ки маҳз ба ҷанговарони ҷанги Афғонистон бахшида буд ва бо чунин байтҳо оғоз меёфтанд, бо як ҷаззобияте қироат кард:



**Бахшида ба 85-солагии шоири маъруфи тоҷик Бозор Собир муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба номи мавсуф гузошта мешавад. Қарори дахлдорро шаҳрдори Душанбе Рустами Эмомалӣ ба имзо расонид ва ба Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе пешниҳод намуд. Мактаби навсохти №8 дар маркази пойтахт, дар рӯ ба рӯи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон чойгир аст.**

*Борон нагузашта, боз борон, борон,*
*Ҳар рӯзу шаби дароз борон, борон.*
*Зонуи буридаи дарахтон сабзид,*
*Бозуи буридаи дарахтон сабзид.*
*Эй кош чу бозуи дарахтон аз нав,*
*Зонуи буридаи шумо сабз шавад,*
*Бозуи буридаи шумо сабз шавад,*
*Аскарбачаҳои ҷанги Афғонистон.*

Шоири ширинкалбу ширингуфтор баъд аз қироати ин шеър боз чанд сухане гуфта, на барои пешниҳоди кардааш, балки барои нодуруст фаҳмидани суханҳояш аз ҷанговарони ҷанги Афғонистон узр пурсид ва аз минбар поён омад. Дар як лаҳза вазъ чунон тағйир ёфт, ки ҳама дар ҳайрат мондем. Онҳое, ки дар муқобили шоир ҷамъ омада буданд ва алайҳаш шиорпартоӣ мекарданд, ҳамон замон аз шоир дифоъ карданд. Нафарони зиёде ба минбар баромада, ба шоир миннатдорӣ карданд ва ҳатто чанд нафароне низ пайдо шуданд, ки ба тарафдорӣ аз шоир аз орденҳои худ даст кашиданд.

Мо ба якдигар нигоҳ карда, мегуфтем: «Ана инро таъсири сухан ва таъсири шеър мегӯянд. Ана инро шоир мегӯянд, ки дар як лаҳза ҳатто мухолифонашро ба тарафдоронаш табдил дод».

Бозор Собир воқеан шоири хушгуфтор буд. Он замон мо донишҷӯён шеърҳояшро бо шавқ хондаву азёд мекардем ва ҳатто кӯшиш мекардем, ки ба ӯ тақлид карда, шеър гӯем, вале наметавонистем. Чунки Бозор воқеан Бозор буд.

Агарчи ӯ рафт, номи ӯ ва шеърҳои ӯ барои ҳамешагӣ дар таърих ва адабиёти тоҷик сабт ёфтанд.

**Холиқназар ҶУМЪАЗОДА,**
**нависанда**

# ШОҲНОМА"-И ФИРДАВСИРО АЗЁД МЕДОНИСТ...



**22-юми ноябр зодрӯзи адабиётшинос ва драматург, шаҳиди Ҷанги Бузурги Ватанӣ Абдушукур Пирмуҳаммадзода Деҳотӣ (1912-1942) - бародари нависанда, мунаққид ва драматург Абдусалом Деҳотӣ аст.**

Онҳо аз деҳаи Боғи Майдони Самарқанданд, ки аз солҳои мактабхонӣ ба адабиёт шавқу рағбати зиёд доштанд. Абдушукурро бо назардошти истеъдодаш устод Айнӣ дар шуъбаи Самарқандии Нашриёти давлатии Тоҷикистон ба ҳайси тарҷумон ва муҳаррир ба кор ҷалб карда ва ӯ баъдан муҳаррири шуъбаи адабиёти бачагони Нашриёти давлатии Тоҷикистон таъйин шудааст ва ҳамзамон дар Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе ба номи Шевченко ба таҳсил пардохт. Ибтидои солҳои 40-уми садаи бист номбурда ба Донишкадаи кинематографияи Маскав дохил шуд.

Абдушукур Пирмуҳаммадзода яке аз чаҳор нафар адибону олимони соҳиби истеъдоди фавқулода дар илму адаби тоҷик - Ҳаким Карим, Ҳабиб Юсуфӣ ва Лутфуллоҳи Бузургзода буд, ки дар муҳорибаҳои зиддифашистӣ шаҳид гардид. Адабиёти тоҷик аз онон умеди зиёд дошт. Аммо ҷанг ниҳоли қоматашонро шикаст...

Фаъолияти эҷодии Пирмуҳаммадзода чун драманавис аз миёнаи солҳои 30-юм оғоз ёфтааст. Соли 1935 ҳамроҳи Ғанӣ Абдулло дар заминаи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ драмаи «Рустаму Суҳроб»-ро эҷод намуд, ки солҳои 1938-1939 дар маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» чоп шудааст. Ин асар ҳамроҳи драманависи рус В. Волкенштейн таҷдиди назар гардид ва соли 1941 рӯзҳои Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик дар Маскав ба намоиш гузошта шуд.

Пирмуҳаммадзода тарҷумони китобҳои бачагона ба тоҷикӣ ва муаллифи чанд мақола оид ба эҷодиёти Т. Шевченко, Ш. Руставели, В. Маяковский ва дигарон мебошад. Дар таҳия ва нашри "Луғати дучилдаи русӣ-тоҷикӣ" ва таълифу таҳрири китобҳои дарсӣ низ ширкат варзидааст.

Дар маҷаллаи «Шарқи Сурх» (1964, №2) ва маҷмуаи «Бессмертие» (1965) чанд номаи ӯ аз фронт ба бародараш фароҳам омадаанд.

Овардаанд, ки дар замони пеш аз ҷанг ду адиби тоҷик "Шоҳнома"-и Фирдавсиро аз ёд медонистанд, яке ҳамин Абдушукур, дигаре Улуғзода.

**С. АЪЗАМЗОД,**
**адабиётшинос**

## Мавлуднома

**• 23 НОЯБР •**

**Абдуқодир Зоҳидов** (1938), 85-солагии зодрӯзи забоншинос.

**Яъқуб Тоҷиев** (1918-1987), 105-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Қудратбек Элчибеков** (1938), 85-солагии зодрӯзи муаррих.

**• 24 НОЯБР •**

**Иброҳим Муллоҷонов** (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Азиз Сангинов** (1953), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**• 25 НОЯБР •**

**Бобобек Тӯхтаев** (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**Владимир Хабур** (1908-1982), 115-солагии зодрӯзи кинодраматург, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**• 26 НОЯБР •**

**Хитоббӣ Каримова** (1928), 95-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Самуил Урбах** (1908-1987), 115-солагии зодрӯзи оҳангсоз.

**• 27 НОЯБР •**

**Вера Ансупова** (1923-1994), 100-солагии зодрӯзи Китобдори шоистаи Тоҷикистон.

**Хонлар Гаҷиев** (1903-1969), 120-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Мавлуда Ғозиева** (1953), 70- солагии зодрӯзи забоншинос.

**Темур Ҷӯраев** (1943), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**• 28 НОЯБР •**

**Ашӯр Ашӯров** (1968), 55-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Ғайбуллоҷон Орифов** (1938-2011), 85-солагии зодрӯзи доктори илмҳои геологӣ ва минералогӣ.

**Абдулманнон Саидов** (1958), 65-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор.

**Шавкатҷон Шерматов** (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**• 29 НОЯБР •**

**Людмила Адамчук** (1933), 90-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи биология.

**Саймаҳмуд Ҷобирӣ** (1948), 75-солагии зодрӯзи адиб.

**Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО, кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд? ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

►Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Собиров Азиз Анварович, №0585422, РЯМ: 0230109285, РМА: 025447355, санаи судур 21.07.2023, ки дар Нозироти андози ноҳияи И. Сомонӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ, варақаи қайд №33432 ва манзилномаи №020771 аз 18.02.2014, ки дар Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ш. Душанбе ба номи Раҷабов Шавкат Негматович бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, б 109, ҳ. 40 ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

►Шиносномаи шаҳрвандии А03982684 ба номи Имомбердиева Одинабека Шодибековна, ки санаи 01.12.2021 аз ШВКД-1 ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Дафтари ҳавлӣ ба номи Саидов Вали Мухбулоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, 2 гузаргоҳи кӯчаи Балъамӣ, хонаи 5, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Дафтари ҳавлӣ ба номи Шаҳбози Шоҳвалии Саидзода, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Борбад, хонаи 99, ҳ. 43, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи шаҳрвандии А03536058 ба номи Абдулоев Сино Ахтамович, ки санаи 05.11.2020 аз ШВКД-1 ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши квартира, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе санаи 4-уми апрели соли 2011, таҳти феҳристи №1Ш-537 ба номи Авғонов Муҳиддин Файзуллоевич нисбати манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 72/4, корпуси 2, хонаи 56 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Дипломи ЧТ №0018022 ба номи Аҳмадова Нигора Нуруллоевна, соли хатм 2006, ки аз Омӯзишгоҳи касбии техникии №52 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи №6Д-2148, аз санаи 02.05.2023 ба номи Ходжиев Фуркат Умарович, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯч. И. Сомонӣ 75, кв. 8, ки дар нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, хонаи 89/5, квартираи 35 ба номи шаҳрванд Назриева Мухаррама Зоирхоновна, ки аз тарафи КФББТ шаҳри Душанбе дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникии инвентаризатсия №107844 ва шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи №8Ш-796 аз 05.03.2019 ба номи Расулов Диловар Муродуллоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Якка-Чинор, хонаи 148, ҳ. 58, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин №0799376, қайд №2992, аз 16.07.2014 ба номи Пирназаров Сулаймон Авғонович, бо суроғаи ноҳияи Сангвор (собиқ Тавилдара), ҷ/д Тавилдара, деҳаи Шаҳринав, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шарномаи хариду фурӯши 3/4 (аз чор се) ҳиссаи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи №1Ш-1791 аз 25-уми сентябри соли 2021 ба номи Шарипов Раҷиб Абдураҳмонович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Мастонгулов (собиқ Титова), 3/4 (аз чор се) ҳиссаи хонаи истиқоматӣ №33, ки дар нотариуси давлатии Саридораи нотариалии давлатии ЧТ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Мошинаи назорати хазинавӣ Миника 1023646 ба номи ҶДММ "Осон-Фарм", РМА: 030030856, беэътибор дониста шавад.

► Мошинаи назорати хазинавӣ Миника 1023674 ба номи ҶДММ "Осон-Фарм", РМА: 030030856, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Абдуллоева Шахрзода Саъдуллоевна, РЯМ: 0331315463, РМА: 046147605, ки аз соли 2016 дар Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ таҳти литери 4/1.хх., ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе аз 11-уми марти соли 2019, таҳти феҳристи №8Ш-844 ба номи Каримов Раҷаб Ёрмаҳмадович нисбати манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Навобод, хонаи 10 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Ҳукуматова Низорамоҳ Дилшодовна, РЯМ: 0430124090, РМА: 045570860, ки аз 29.04.2017 дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома бо шартҳои махсуси Эргашев Зафаржон Хасанбоевич, РМА: 075217413, РЯМ: 0730161447, санаи таъсисёбӣ 31.03.2018, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи 19Д-433, ки аз 06.10.1983 дар Идораи нотариалии давлатии 1-уми ш. Душанбе ба номи Гулов Ҷунайдулло Абдуллоевич бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Хоҷамбиёи поён, хонаи 65 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи 8Ш-3204, ки аз 17.06.2013 дар Идораи нотариалии давлатии н. Синои ш. Душанбе ба номи Маҳмадраҳимов Шухрат Мурадович бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи А. Навоӣ, хонаи 17/3, ҳ. 24 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома, иқтибос ва ИНН-и кооперативи тиҷоратии "Аслан А", РЯМ: 3310006755, РМА: 330011045, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи шаҳрвандии №А03623829 ба номи Хомушов Ҷамол Шоҳидинович, ки санаи 17.03.2021 аз ШВКД-1 н. Синои ш. Душанбе дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

►Кооперативи тиҷоратии "Наврӯз 1993", РЯМ: 0710004149, РМА: 070009057, аз 22.10.2010 дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

►ҶДММ "Акбарали-2013", РЯМ: 0710008054, РМА: 070014553, аз 06.02.2013 дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

►ҶДММ "Хостан АФС", №0265226, РЯМ: 0310006428, РМА: 030012127, барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

►ҶДММ "Зарина 2010", РЯМ: 0710005313, РМА: 070011928, аз 26.06.2010 дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

►Шаҳодатномаи кооперативи тиҷоратии "Алимҷон Ш", РЯМ: 3310008167, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.



## Судоку

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 7 | | 2 | 9 | |
| | | | 8 | | 9 | | 6 | |
| 4 | | | 3 | | | | | 5 |
| | 8 | | | 3 | | 7 | | 2 |
| | 7 | 4 | | | 2 | 9 | | |
| | 1 | | | | | | | |
| 5 | | | | | | | 1 | 6 |
| | | | 6 | | | 4 | | |
| | | 7 | 1 | | | | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | |
| | 4 | | 3 | 7 | | | 1 | |
| 1 | | | | 5 | | | 8 | 7 |
| | | 8 | 7 | | | | | 2 |
| | | | | 4 | 1 | | 5 | |
| | | 9 | | | | 8 | | |
| | | 6 | | | | | | 3 |
| 2 | | | | | | 1 | | 9 |
| | 7 | | | | 4 | | | |

## Лабиринт



## 12 фарқиятро ёбед




## СКАНВОРД

Аъзои ХДТ
Олам-гард
Номи мардона
Муаллифи Винни-Пух
Хати миёнаи сурат ва махраҷ
Миқдор, миқёс.
Қуттии асалпарварӣ
Наттоқи радио дар солҳои ҶБВ
Шаҳр дар Италия
Оҷиз, аз кор монда
Фурудгоҳ дар Маскав
Сазовор, муносиб
Омили кимиёвӣ ва физикӣ
Комиссари тандурустии РАСС Тоҷикистон (1925)
Моҳии «хатарнок»-и баҳрӣ, барқмоҳӣ
Падар (арабӣ)
Хусусияти умумии организмҳо, ки ба наслҳо мегузарад
Ноҳзир
Муҳандис, мусаввир, ҳайкалтароши итолиёвӣ
Шаҳр дар вилояти Ставрополь
Ороиш
Бародари калонӣ, ака
Бахудкашанда
Яке аз рангҳои чорогаки роҳ
Оташ (лаҳҷ.)
Гуногунранг, рангоранг
Ихтироъкори аппарати телеграфии электромагнитӣ
"... одат амри маҳол"
Бо тамоми қувва задан
Ҷамоат, гурӯҳи одамон, эскорт
Пероӣ нӯгпаҳн
Ҷамъи писарони як падар
Урфу одат, расму қоида
Даргузаштан
Сози русӣ
Асбоби мусиқии клавишдор
Гилин
Суд, манфиат
Қаср, боргоҳ
Вулқон дар Мексика
... -Франтсиско, шаҳр дар Калифорния
Тарс, ҳарос
Ҳабсхона дар Куба
Котиб, муҳаррир, муншӣ



## Дарси озод

Аз сухбати муаллим бо шогирд:
- Устод, ният дорам 1000 сол умр бинам.
Устод:
- Тезтар зан гир.
Шогирд:
- Фоида мекунад?
Устод:
- Не, аз ниятат мегардӣ.

## Таъбири хоб

Корманди бонк назди фолбин омада, мепурсад:
- Хоб дидам, ки картошка хастам. Таъбири хобам чист?
Фолбин мегӯяд:
- Туро ё баҳор мешинонанд, ё тирамоҳ мебардоранд.

## Хафагӣ

Духтаре аз дугонааш мепурсад:
- Зарина, барои чӣ ба шавҳар намебарой?
Зарина дар ҷавоб:
- Зани яктояш шавам, дигархояш хафа мешаванд.




## Лабханди аҳли фазл

Мавлоно Қутбиддин дар рохе мерафт. Шахсе аз боме бияфтод ва бар гардани Мавлоно омад, чунонки мухраи гардани ӯ кусуре ёфт ва чанд рӯз бад-он сабаб бистарӣ гашт. Ҷамъе аз акобири вақт ба аёдати ӯ омаданду гуфтанд:
- Махдумо, дар чӣ ҳол ҳастед?
Гуфт:
- Ҳоли аз ин бадтар чӣ бошад, ки дигаре аз бом биафтаду гардани ман бишканад?

## Посух

Падар аз духтараш мепурсад:
- Духтарам, шавҳар мекунӣ ё мехонӣ?
Духтар дар ҷавоб:
- Падарҷон, харчанд мехонам, чизе ба сарам намедароял.

## Пули майда

Модар аз писар мепурсад:
- Ҳа, писарам, дандонатро канда омадӣ?
Писар:
- Якбора дутояшро гирифта партофтанд.
Модар:
- Чӣ, боз як дандонат иллат доштааст-мӣ?
Писар:
- Не очаҷон, ташвиш нашавед, дандонам соз буд, фақат духтур пули майда надошт, ки бақия диҳад.

**Таҳияи Н.РАҶАБОВА**

## Сканворд






## Рашки сагона

Пас аз мулоқоти раҳбарон дар Кишинёв президенти Молдавия - бонуи зебо Майя Санду ҳамроҳи сарвари Австрия Александр Ван дер Беллена ба сайр баромад. Дар ин сайр онҳоро саги Майя бо номи Кодрутс ҳамроҳӣ мекард. Президенти Австрия хост сари сагро дастмол карда, ӯро навозиш кунад, ки саг якбора ба ҳуҷум гузашта, дасташро газид. Хабарнигоре, ки ин ҳамаро назорат мекард, аз Мундонӣ пурсид:
- Ҷаноби Мундонӣ! Ба фикри шумо, чаро саги Майя Санду дасти президенти Австрияро газид?
Мундонӣ гуфт:
- Инро рашк мегӯянд, рашк. Рашки сагона.
- Магар саг ҳам рашк мекунад?,- бо ҳайронӣ боз суол кард хабарнигор.
Мундонӣ гуфт:
- Майя Санду ҳанӯз шавҳар накардааст, ана барои ҳамин, ин саг ба ҳар марде, ки ба ӯ наздик мешавад, рашк мекунад.
- Ман фаҳмидам чаро президети Молдавия шавҳар намекунад, фаҳмидам,- гуфт якбора бо нидо хабарнигор.
- Чаро?,- бо кунҷковӣ пурсид Мундонӣ.
- Чунки аз рашки саг метарсад,- гуфт бо табассум рӯзноманигор.

## Маҳдудияти барқ ё бебарқӣ?

Аз муаллими фанни иформатикаи деҳа пурсидам:
-Дар шароити маҳдудияти барқ дарсҳои компютериро чӣ тавр гузашта истодаӣ?
Гуфт:
-Маҳдудият вақте мешавад, ки агар барқро як соату ду соат қатъ кунанд. Дар мо субҳи барвақт, пеш аз оғози дарсҳо барқро хомӯш мекунанду бегоҳ замоне мегиронанд, ки дарсҳо тамом мешаванд. Инро магар маҳдудият номидан мумкин аст?

**Холиқназар ҶУМЪАЗОДА**